ҲАҶ - 2026: АРАБИСТОНИ САУДӢ ҚОИДАҲОИ НАВ ҶОРӢ КАРД

с. 10

МАН ТОҶИКАМ! МИЛЛАТ ТАНҲО НОМ НЕСТ

с. 7

САРВАЗИРИ МАРДУМӢ АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ

с. 3

ТОҶИКИСТОН

№ 16 (1680), 22.04.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



БА ЎЗБЕКИСТОН БО ШИНОСНОМАИ ДОХИЛӢ





ДАР ИН ШУМОРА:

ГУЛӮГОҲИ «ҲУРМУЗ»
иқтисоди ҷаҳонро гулӯгир мекунад? с.3

«CASA-1000»
кай ба кор оғоз мекунад? с.2

ЛАТИФ НОЗИМӢ:
Шеъри тоҷик хуб аст, аммо модерн нест! с.4

ЭРОН
бо кадом шарт вориди музокирот мешавад? с.4

ТАЛБАНДАГӢ
Эҳтиёҷ ё “касб” с.8

РЕҶАИ КОРӢ
Тарабхонаҳои пойтахт то кай кор мекунанд? с.5

СУЛАЙМОН ЮДАКОВ
Муаллифи оҳанги Суруди миллӣ с.11

ВАРЗИШ
Пешсафони нав дар Лигаи олии ҶТ с.3

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

«CASA-1000» КАЙ БА КОР ОҒОЗ МЕКУНАД?

Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа гуфт, ки айни замон аз чор давлати аъзои лоиҳаи "CASA-1000" дар сетои он - Қирғизистон, Тоҷикистон ва Покистон корҳои сохтмонӣ пурра ба анҷом расид. Корҳо танҳо дар ҳудуди Афғонистон мондааст, ки баҳори соли 2027 ба анҷом мерасад.

Вай дар ин бора зимни ҷаласаи корӣ, ки дар шаҳри Душанбе вобаста ба баррасии раванди татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқи "CASA-1000" баргузор гардид, таъкид кард.

Дар ин ҷаласа вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, роҳбарияти "Da Afghanistan Breshna Sherkat" (DABS), Бонки Ҷаҳонӣ ва ширкати пудратчӣ Kamani Engineering Corporation (KEC) ширкат доштанд.

Дар ин ҷаласа вазир қайд кард, ки татбиқи лоиҳаи "CASA-1000" барои таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, баланд бардоштани эътимод миёни кишварҳои аъзо ва таъмини содироти нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар ҷаласа намояндагони ширкати "Брешно" иброз доштанд, ки корҳои боқимонда дар ҳудуди Афғонистон тибқи нақшаи тачдидшуда баҳори соли 2027 ба анҷом мерасад. Тобистони соли 2027 аллакай марҳилаи тичоратии лоиҳа оғоз меёбад.

Таъкид шудааст, ки анҷоми пурраи ин тарҳи муҳими минтақавӣ ба рушди бозори энергетикӣ, таҳкими амнияти энергетикӣ ва густариши ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳои аъзои лоиҳа мусоидат хоҳад намуд.



АМОНАТБОНК: АЗНАВБАҚАЙДГИРӢ ТО ИЮН

Муҳлати азнавбақайдгирии кортҳои Амонатбонк то моҳи июни соли ҷорӣ тамдид гардид. Ба иттилои Амонатбонк, то имрӯз наздики 60 дарсади кортҳо дубора ба қайд гирифта шудаанд.

Тавре масъулини бонк хабар доданд, раванди азнавбақайдгирӣ моҳи январ оғоз гардида, ҳадафи он таъмини бехатарии молиявии муштариён, шаффофияти амалиётҳо ва коҳиши хавфҳои қаллобӣ мебошад. Барои идомаи бе мушкилии ин раванд, муҳлат то анҷоми семоҳаи дуюми сол дароз карда шуд.

Барои сабти дубораи корт ба муштариён SMS-паёмак ирсол мешавад. Дар сурати ҳозир нашудан дар давоми 30 рӯзи баъди гирифтани паёмак, фаъолияти корти бонкӣ муваққатан қатъ мегардад. Баъди мурочиат ба бонк ва гузаштани сабти дубора, корт фаъол карда мешавад.

Азнавбақайдгирӣ тавассути барномаи махсуси мобилӣ дар 75 филиал ва 547 маркази хизматрасонии бонк анҷом дода мешавад.

Барои гузаштани сабти дубора пешниҳоди шиноснома ва корти бонкӣ зарур буда, маълумоти муштарӣ дар барнома ворид карда мешавад. Ҳамзамон акси корт, шиноснома ва селфии муштарӣ бо ҳуҷҷат гирифта мешавад.

Ба гуфтаи масъулини бонк, барои шахсони дорои маъюбият ва онҳое, ки имкони ҳозир шудан ба филиалҳоро надоранд, кормандон ба макони зисти онҳо рафта, хизматрасонӣ менамоянд.

ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН: $1,2 МЛРД ГАРДИШИ САВДО

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев дар шаҳри Остона мулоқот анҷом доданд.

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро дар доираи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ баррасӣ намуданд.

Сарварони давлатҳо аз рушди босуръати ҳамкорӣ дар ҳамаи самтҳо изҳори қаноатмандӣ карда, зарурати таҳкими муколамаи сиёсӣ, густариши равобити тичоративу иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузориро таъкид намуданд. Зикр гардид, ки ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар дар соли 2025 ба 1,2 миллиард доллар расидааст.

Ҷонибҳо бахшҳои саноат, нақлиёт, логистика ва кишоварзиро самтҳои калидии ҳамкорӣ номида, инчунин рушди соҳаҳои рақамикунонӣ, инноватсия, технологияҳои муосир ва зеҳни сунъиро аз афзалиятҳои ояндадор арзёбӣ намуданд.

Ин мулоқот дар доираи ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал 22-юми апрели соли равон дар шаҳри Остона баргузор гардид.

САРИ САБЗ



Латофат КЕНҶАЕВА,
Шоири халқии Тоҷикистон

- Борҳо гуфта будем, аммо сабабҳо ҳанӯз норӯшан аст... Масалан, чаро китобро дар қатори туҳфаҳои кӯдакона ҷо намекунанд? Чаро дар қуттиҳои туҳфаҳои идона дар қатори ширинихо як китоби хуб ҳам намегузоранд? Аммо ин садои мо то ҳол ба ҷое нарасидааст.

- Агар садоятон расад, тачрибаи хеле хуб мешавад, муаллимаи азиз. Хусусан барои ташкилоти ҷамъиятии "Истиқбол". Китобҳои нашркардаи он зуд хонандаи худро меёбанд ва китобҳои нав чоп мешаванд.



Қоим ШУКРОНОВ,
варзишгари ҷавони тоҷик

- Пеш аз баромадан ба майдон ҳаяҷон дорам. Аммо вақте мубориза оғоз мешавад, ҳама чизро фаромӯш мекунам... Рақиби душвортаринам аз Ӯзбекистон буд. Дар нимфинали Чемпионати ҷаҳон танҳо бо як хол мағлуб шудам. Он рақобат бароям дарси калон шуд.

- Худтаскиндиҳӣ албатта кори хуб аст, вале, мабодо ба чунин дарси калон одат накунед? Барои ҳамин, пеш аз баромадан ба майдон ҳама чизро фаромӯш кардан лозим, бахусус ҳаяҷонро.



Турамо ҒУЛОМАЛИЕВА,
омӯзгори тоҷик

- Хондан аз интернет мисли хӯроки бенамак аст. Китоб дар ҳама давру замон дар ҷойи аввал қарор дошт. Мутолиаи китоб, ба даст гирифтани он ва ҳатто бӯйи коғазаш ба кас ҳаловат мебахшад. Ман ба он назар нестам, ки интернет мавқеи китобро дар ҷамъият танг кунад.

- Ҳаҳаҳаҳ, шояд бо фикри он ки дар гурдаҳо намак ҷамъ нашаваду бӯйи гандида нагирад, бисёриҳо аз китоб рӯй тофтаву ба интернет рӯ овардаанд.

ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ

иқтисоди ҷаҳонро гулӯгир мекунад?

Таниши низомӣ миёни Эрон, Амрико ва Исроил яке аз мавзуҳои доғ дар ҷаҳон боқӣ мемонад. Он ба иқтисоди ҷаҳон низ бетаъсир намонд. Болоравии нархи нафт, бесуботӣ дар бозорҳои молиявӣ, заиф шудани занҷираҳои таъминот ва афзоиши қиматӣ дар кишварҳои гуногун аз ҷумлаи паёмадҳои он ба шумор мераванд. Ин мавзуъро дар суҳбати рӯ ба рӯ бо коршиноси масоили иқтисодӣ Абдурақиб Қодиров ба миён гузоштем.



Хабарнигори "Тоҷикистон" Усмон Раҳимзода ҳангоми мусоҳиба бо коршиноси масоили иқтисодӣ Абдурақиб Қодиров

ЗАРБАИ АВВАЛ

- Аз оғози танишҳои шадид миёни Эрон, Амрико ва Исроил қариб ду моҳ сипарӣ мешавад. Ба назари шумо, аввалин зарбаи иқтисодӣ ба кадом бахшҳои иқтисоди ҷаҳон расид: энергетика, логистика, бозорҳои молиявӣ ё тиҷорати байналмилалӣ?

- Он чӣ рух дод, аз нигоҳи таҳлилгарони ҷаҳонӣ баррасӣ шуда истодааст. Амрико ва Исроил бо ин амале, ки анҷом доданд, ба истилоҳ "чинро аз кӯза раҳо карданд". Баъзеҳо гуфтанд, ки "хирси хуфтаро бедор намуданд". Ҳатто як идда коршиносон изҳор доштанд, ки гулӯгоҳи Ҳурмуз танҳо як воҳиди ҷуғрофию табиӣ нест, балки он гулӯгоҳи иқтисоди ҷаҳон аст. Агар он баста шавад, иқтисоди ҷаҳон гулӯгир мешавад. Ин тавсифҳо аз диди аввал як навъ образнок ва шоирона ҳастанд. Аммо бозгӯи воқеияти ҳол мебошанд. Имрӯз, агар гулӯгоҳи Ҳурмуз баста шавад, ҳатто дар Бангладешу Бразилия, Африқои Ҷанубӣ низ таъсири онро эҳсос мекунанд.

- Гулӯгоҳи Ҳурмуз масири бисёр стратегӣ аст. Имрӯз баҳс низ байни Эрону Амрико атрофи он зиёд аст. Аз нигоҳи шумо, ин гулӯгоҳ барои иқтисоди ҷаҳон чӣ аҳамият дорад?

- Аз диди ҷуғрофӣ гулӯгоҳи Ҳурмуз дар баҳри Араб ҷойгир аст. Баҳри Араб, агар аз нимҷазираи Арабистон шуруъ шавад, то нимҷазираи Ҳиндустон мерасад. Гулӯгоҳи Ҳурмуз ду соҳил дорад. Яке дар ихтиёри Эрон аст, дигаре дар ихтиёри Уммон. Гулӯгоҳ масири дароз аст. Ба истилоҳи эрониҳо, тангаи Ҳурмуз як гулӯгоҳ дорад, ки он ҳудудан 30 километр аст. Эрониҳо дар ду соҳиле, ки ба ҳам пайванданд, монеа пеш оварданд. Онро чӣ гуна сохтанд? Аз завраккҳои артилерӣ истифода мекунанд, ки киштиҳои борбару нафткашро ҳадаф қарор медиҳанд. Баъзан, вақте ки ҳадаф қарор медиҳанд, ба киштӣ осеб мерасонанд. Аммо баъдан, оташи огоҳкунанда ё хориҷкунанда медиҳанд. Ин завраккҳои артилерӣ аз паноҳгоҳҳои зеризаминӣ, ки дар соҳили Халиҷ сохта шудаанд ва аксаран нонамоён ҳастанд, берун меоянд ва хеле босуръат ҳастанд. Дар паноҳгоҳҳо паноҳ мебаранд.

> **ВАҚТЕ ДАР ЯК КАНОРИ ДУНЁ ХУРӮСЕ БОНГ МЕЗАНАД, ДАР ГӮШАИ ДИГАРИ ДУНЁ САДОИ ОН ШУНИДА МЕШАВАД.**

Агар аз диди бозори нафти ҷаҳонӣ назар кунем, дар як шабонарӯз ҳудуди 100 миллион бушка, ё 10 фисади нафти ҷаҳонӣ аз ҳамин тангаи Ҳурмуз убур мекунад. Аз ин ҷо кишварҳои нафтхези дунё, хусусан Арабистони Саудӣ, Амороти Араб, Қатар, Кувайт ва Эрон нафти худро ба Уқёнуси Ҳинд ворид мекунанд ва аз он ҷо ба Чину Аврупо мераванд. Вақте ки масир баста шуд, бухрони шадид ба миён меояд. Ҳоло истеъмол дар дунё дар ҳоли афзоиш аст, талаботро қонеъ карда намешавад. Имрӯз мебинем, вақте ки танга баста шуд, дар Бангладеш, Ҳиндустон мушкили гази моеъ ба вуҷуд омад. Аввал навбатпоӣ буд. Баъди гузашти он ҳукуматдорон маҷбур шуданд, ки як навъ лимит ё меъёрро барои харидории нафт муқаррар кунанд.

- Дар бозори Аврупо чӣ рух дод?

- Ҳанӯз Аврупо дарк накардааст. Зеро кишварҳои Аврупо захираҳои стратегиеро, ки доранд, истифода мебаранд. Дар Аврупо қабл аз ҳама ҳамон навъи сӯзишворие, ки хусусияти авиатсионӣ дорад, яъне керосини авиатсионӣ, ки барои ҳавопаймоҳо истифода мешавад, захираи он тӯли чанд ҳафта кифоят мекунад. Аммо баъзе маъмурон гуфтанд, ки аз ҳавопаймо, нақлиёт камтар истифода кунед, бештар пиёда равед. Яъне, ин мушкилотро ҷомеаи Аврупо дар моҳи оянда эҳсос мекунад.

Аммо Хазинаи Байналмилалии Асъор диди ояндабиниро ба ҷаҳониён арз дошт. Агар мушкил байни Эрону Амрико дар ҳамин моҳи апрел ҳал нашавад, тангаи Ҳурмуз то тобистон баста шавад, иқтисоди ҷаҳон дучори таназзул мешавад. Дар ибтидои сол ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ, иқтисоди ҷаҳонро дар соли 2026 ҳадди ақал 3 фисад рақам зада буданд. Аллакай ин рақамҳо бозбинӣ мешаванд. Баъзеҳо хушбин ҳастанд, аммо бархеи дигар нигоҳи манфӣ доранд. Ҳоло на танҳо дар бозори нафт, балки дар бозори гази табиӣ низ мушкил эҳсос мешавад. Дар натиҷаи ҳамлаҳои ҷавобии Эрон бузургтарин корхонаи гази табиӣ дар Қатар мавриди ҳадаф қарор гирифт. Ин коргоҳ таъминкунандаи гази моъъи Аврупо мебошад. Айни ҳол он тахриб шуда ва фаъол нест. На 1 солу 2 сол, балки ҳудуди 5 сол таъмиру барқарор мешавад. Ҳатто, иқтисодшиносҳо гуфтанд, ки агар мушкили Эрону Амрико ҳал шавад, болоравии нарх, таъсири он то охири сол идома мекунад. Зеро занҷираҳои иқтисодӣ канда шуданд, пойгоҳҳои нафткаш мавриди ҳадаф қарор гирифтанд. Корхонаҳое, ки ба коркарди нафт машғул буданд, онҳо низ мавриди ҳамла қарор гирифтанд. Барои барқарор кардани онҳо 1 солу 2 сол кифоя намекунад.

МАНФИАТИ АМРИКО

- Агар интиқоли нафт тавассути масири Ҳурмуз, ҳатто барои моҳҳои оянда қатъ ё халалдор гардад, ба бозори ҷаҳонӣ чӣ таъсир мерасонад?

- Киштиҳои амрикоӣ аз тангаи Ҳурмуз кам убур мекунанд. Амрико аз нигоҳи нафту газ худкифо аст. Бузургтарин содиркунандаи нафт дар дунё аст. Ба гулӯгоҳи Ҳурмуз, ба нафте, ки аз халиҷи Форс истихроҷ мешавад, ҳеҷ ниёз надорад. Аммо барои танзими нархе, ки дар дунё ҳаст, амрикоиҳо манфиатдоранд. Чаро? Онҳо маҷбур шуданд тахти талошҳое, ки Эрон барои бастани Ҳурмуз кард, аввал нафти Русияро, ки зери таҳрим қарор дошт, як моҳ ичозати фурӯш диҳанд. Баъдан ин муҷаввизро як моҳи дигар тамдид карданд. Русҳо аз ин манфиати бештар бардоштанд. Ин ҷо як масъала аст ва эрониҳо дарк карданд: гулӯгоҳи Ҳурмуз метавонад аз диди иқтисодӣ ва молиявӣ манфиати бештар дошта бошад.

- Чӣ гуна?

- Иқтисоддонҳо рақам заданд, ки агар тангаи Ҳурмузро Эрон пулакӣ кунад, зиёда аз 100 миллион доллар дар як сол фоида мебинад. Яъне, фоидае, ки Эрон аз ҳисоби фурӯши нафту газ мебинад, ҳудуди 50-60 миллиард доллар аст.

БУҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

- Оё таниши Эрону Амрико метавонад ба буҳрони нави иқтисодии ҷаҳонӣ замина гузорад?

- Аллакай буҳрони иқтисодӣ шуруъ шудааст. Бисёриҳо баъди буҳроне, ки дар замони коронавирус шуда буд, умед доштанд, ки дунё аз диди иқтисодӣ шукофо хоҳад шуд. Аммо зиёне, ки аз таниши низомӣ байни Амрикову Исроил ва Эрон ба миён омад, аз таъсири коронавириус низ бештар аст.

- Аз кадом дидгоҳ?

- Якум, ин низоъ фазои эътимодро аз байн бурд. Ҳатто арзиши тило поён рафт. Аммо дар замони коронавирус арзиши тило поён нарафта буд. Чунки бонкҳои марказӣ тилоро барои рӯзи мабодо, ҳолатҳои буҳронӣ захира мекунанд. Вақте ки ҳолати буҳронӣ ба миён омад, дар бозор таваррум рӯ зад. Дастрасӣ ба захираҳои асъор кам шуд. Ба хотири нигоҳ доштани қурби пулҳои миллӣ, дар натиҷа бонкҳо маҷбур шуданд, ки захираҳои старегиро ба бозор бароранд. Амрико, кишварҳои Аврупо чӣ кор карданд? Онҳо захираҳои стратегии нафту газ доштанд, ба бозор баровардаанд. Ҳатто имтиёзҳои андозӣ муқаррар карданд. Дар соли коронавирус чунин набуд.

Дуюм, эътимод ба доллар коҳиш ёфт.

Сеюм, занҷираҳои иқтисодӣ аз байн рафтанд. Иқтидорҳои истеҳсолӣ, ки тӯли даҳсолаҳо бунёд шуда буданд, осеб диданд. Онҳоро дубора бояд барқарор кард.

(Давомаш дар саҳ. 6)

ҚАЗОҚИСТОН БА ТОҶИКИСТОН БЕШТАР ҒАЛЛА МЕДИҲАД

Қазоқистон ният дорад, ки содироти зироати ғалладона ва маҳсулоти хӯрокворӣ ба Тоҷикистонро густариш диҳад. Ин нукта дар вохӯрии Нурмаҳмад Аҳмадзода, директори Агентии захираҳои давлатии моддии Тоҷикистон бо Элдар Исмагулов, муовини раиси Раёсати ширкати "Продкорпоратсия"-и Қазоқистон зикр шудааст.

Гуфта мешавад, ки аз Қазоқистон ба Тоҷикистон то 1,3 млн тонна зироати ғалла ворид мекунанд. Ҳамчунин зикр мешавад, ки Душанбе на танҳо ба харидории ғалла, балки орду равғани офтобпараст низ ҳавасманд аст.

Ёдовар мешавем, ки Қазоқистон ба таври анъанавӣ содиркунандаи калидии гандум ва орд ба Тоҷикистон боқӣ мемонад.


КОҲИШИ ВОРИДОТИ ШАКАР

Дар се моҳи соли 2026 ба Тоҷикистон зиёда аз 24 ҳазор тонна шакар (қанд) ворид шудааст. Ҳар як килограми он ба ҳисоби миёна тақрибан 0,91 доллар буда, маблағи умумии ин маҳсулот 22,2 млн долларро ташкил додааст.

Тибқи иттилои Хадамоти гумруки Тоҷикистон, воридоти шакар дар мукоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба таври назаррас кам шудааст. Дар ифодаи пулӣ, ҳудуди 6,6 млн доллар ё тақрибан 23% коҳиш ёфтааст.

Ба иттилои манбаъ, қисмати зиёди воридот ба Русия рост меояд: наздики 6,6 ҳазор тонна шакар ба маблағи ҳудуди 6 млн доллар. Ҳамин тариқ, ҳиссаи Русия дар сохтори воридот ҳам аз рӯйи ҳаҷм ва ҳам нарх ҳудуди 27%-ро ташкил додааст. Ба ғайр аз Русия, шакар ҳамчунин аз дигар кишварҳо низ ба Тоҷикистон ворид мешавад, вале ҳаҷмашон кам аст.

Ба сурати умум, Тоҷикистон қариб пурра ба воридоти шакар аз хориҷа вобаста аст. Аз рӯйи натиҷаҳои соли 2025 ба чумҳурӣ ба маблағи беш аз 191 млн доллар зиёда аз 117,4 ҳазор тонна шакар ворид шудааст.



РУСИЯ ИНТИҚОЛИ НАФТИ ҚАЗОҚИСТОНРО МАНЪ МЕКУНАД?

Хабаргузории "Рейтерз" рӯзи 21-уми апрел ба нақл аз се манбаъ гузориш дод, ки Русия қасд дорад аз аввали моҳи май интиқоли нафт аз Қазоқистон ба Олмонро аз тариқи хати лӯлаи "Дружба" қатъ кунад.

Манбаъҳои "Рейтерз", ки нахостанд номашон ошкор шавад, гуфтанд, ки ҷадвали ислоҳшудаи содироти нафт ба Олмон ва Қазоқистон фиристода шудааст.

"Рейтерз" қатъи интиқоли нафтро ба танишҳо байни Маскав ва Берлин бинобар ҷанги Русия дар Украина рабт додааст.

Дмитрий Песков, сухангӯи раёсати ҷумҳури Русия гуфтааст, ки аз қатъи интиқоли нафт хабар надорад ва бояд ин сулро аз ширкатҳои зирабт пурсид.

Хабаргузории русии "Интерфакс" ба нақл аз Песков навишт, ки "ман дар ин бора маълумоте надорам. Шумо бо ширкатҳои дахлдор тамос бигиред. Мо талош хоҳем кард вазъро рӯшан кунем, аммо ман омода нестам ҳеҷ посухе бидиҳам".

Ба гузориши "Рейтерз", Вазорати энержии Қазоқистон ва ҳукумати Олмон ба дархостҳо барои ибрози назар посух надодаанд.

Дар соли 2025 содироти нафт аз Қазоқистон ба Олмон аз тариқи хати лӯлаи Русия тақрибан ба 43 ҳазор бушка дар рӯз расид, ки нисбат ба соли 2024-ум 44 дарсад бештар буд.

Хушҳолии Володин аз ихроҷи муҳоҷирон

Вакилони Думаи давлатии Русия аз ин, ки шумораи зиёди муҳоҷирон ронда шудаанд, изҳорӣ қаноатмандӣ кардаанд. Вячеслав Володин, раиси палатаи поёнии парлумони Русия инро натиҷаи қабули қоидаву қарорҳои нав дар самти муҳоҷират хонда, ситоиш кардааст.

Ба гуфтаи вай, танҳо дар моҳи март аз қаламрави Русия 14 ҳазор муҳоҷир ронда шудааст. Дар маҷмуъ, давоми як соли ахир Маскав 72 ҳазор нафар хориҷиро депорт ё ихроҷ кардааст.

Володин ҳушдор додааст, ки ин ҳанӯз поёни кор нест ва қонуну қоидаҳои муҳоҷират боз сахттар хоҳанд шуд. Парлумони Русия ба қабули 6 тарҳи дигари қонуне омодагӣ мегирад, ки ба гуфтаи вакилон, бо тасвиби он назорат ба кору зиндагии муҳоҷиронро сахту душвор мекунад.



ТАСС

Фурудгоҳҳои Теҳрон боз шуданд



Хабаргузории эронии ISNA рӯзи 20-уми апрел хабар дод, ки Фурудгоҳи байналмилалии Имом Хумайнӣ ва Фурудгоҳи Меҳробод - ду фурудгоҳи асосии Теҳрон боз шудаанд.

Ин хабаргузорӣ ба нақл аз Созмони ҳавопаймоии он кишвар навишт, ки "иҷозатномаи анҷоми парвозҳои мусофирбарӣ дар фурудгоҳҳои Имом Хумайнӣ ва Меҳробод аз 20-уми апрел содир шудааст".

Хабари боз шудани ду фурудгоҳи аслии пойтахти Эрон дар ҳоле нашр мешавад, ки ҳанӯз аз идомаи музокирот ва созиш миёни тарафҳо хабаре нест.

Дар пайи ҳамлаи Амрико ва Исроил ба Эрон фурудгоҳҳои ин кишвар бинобар чораҳои амниятӣ парвозҳои худро қатъ карда буданд.

ISNA

ОТАШБАС БА УМЕДИ МУЗОКИРА

Теҳрон бо кадом шарт вориди гуфтугӯ мешавад?



Чанд соат қабл аз поёни муҳлати оташбаси дуҳафтаӣ миёни Амрико ва Эрон, Доналд Трамп, раисҷумҳури Иёлоти Муттаҳида эълон кард, ки бо дархости Покистон муддати ин оташбасро дароз кардааст. Теҳрон то кунун дар ин маврид расман изҳори назар накардааст. Ҳамин тариқ, ҳанӯз маълум нест, ки даври дуюми музокироти Вашингтон ва Теҳрон баргузор мешавад ё не.

Доналд Трамп чанд соат пеш дар нигоштае дар саҳифаи "Truth Social"-и худ гуфт, ки оташбас то замони ироаи пешниҳоди Теҳрон ва поёни музокирот идома хоҳад ёфт.

Эрон ба ин изҳороти Трамп то ҳол расман посух нагуфтааст. Хабаргузории эронии "Тасним" навишт, ки Эрон барои ин оташбас дархосте пешниҳод накардааст ва мавқеи Теҳрон "баъдтар расман эълон хоҳад шуд".

Вале қароргоҳи марказии "Хотамуланбиё"-и Эрон эълон кард, ки Нерӯҳои мусаллаҳи ин кишвар омодаи ҷанг буда, "дар сурати таҷовуз" ба хоки Ҷумҳурии Исломӣ ба он посух хоҳанд дод.

Иброҳим Зулфиқорӣ, сухангӯи ин қароргоҳ ҳушдор додааст, ки "бо назардошти таҳдидҳои батакрори раисҷумҳури Амрико ва фармондеҳони артиши ин кишвар", нерӯҳои мусаллаҳи Эрон "дар ҳолати омодабош қарор доранд".

Ӯ илова кардааст, ки агар ба Эрон ҳамла шавад, Теҳрон омода аст "фавран ва қудратмандона ба ҳадафҳои аз пеш муайяншуда"-и душман зарба занад.

Шаҳбоз Шариф, нахуствазири Покистон аз Доналд Трамп барои пазириши дархости Исломобод ва дароз кардани оташбас, ки ба гуфтаи ӯ заминаи талошҳои дипломатии ҷориро фароҳам мекунад, ташаккур кардааст.

Стефан Дуҷаррик, сухангӯи дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид гуфт, ки оташбас "як қадами муҳим дар самти коҳиши танишҳо ва эҷоди фазои муҳим барои дипломатия ва таҳкими эътимод байни Эрон ва Амрико аст".

Ба гуфтаи ӯ, Антониу Гутерриш, дабири кулли ин созмон ҷонибҳоро ташвиқ мекунад, ки ин равандро тавассути вайрон накардани оташбас ва иштироки созанда дар музокирот тақвият диҳанд.

Дар ҳамин ҳол, Кохи Сафед эълон кард, сафари Ҷей Дӣ Вэнс, ноиби Доналд Трамп ба Покистон барои музокироти сулҳ лағв шудааст. Интизор мерафт, ки Венс дуюмин бор дар ин моҳ ба Исломобод сафар кунад ва рӯзи чоршанбе бо мақомоти Эрон барои дастёбӣ ба созиши хатми ҷанг вориди музокира шавад.

Пеш аз ин хабаргузории "Тасним" навишта буд, ки ҳайати эронӣ барои гуфтугӯ бо амрикоиҳо ба Исломобод намеравад ва тасмими ширкат накардани Теҳрон дар музокирот қатъӣ аст. Ин расона навишт, ки Эрон ба далели вазъияти кунунӣ, иштирок дар ин музокиротро "як навъ талафи вақт" медонад.

Қаблан Амирсаид Ирвонӣ, намояндаи Эрон дар Созмони Милал гуфта буд, ки агар Амрико муҳосираи баҳрии бандарҳои ҷанубии Эронро поён диҳад, Теҳрон ҳозир аст дар музокироти Исломобод ширкат кунад.

Оташбаси дуҳафтаӣ миёни Вашингтон ва Теҳрон пас аз 40 рӯзи ҷанг дар Ховари Миёна, ки бо таҷовузи Амрикову Исроил ба Эрон оғоз шуда, бо ҳамлаҳои Ҷумҳурии Исломӣ ба Исроил ва таъсисоти Иёлоти Муттаҳида дар кишварҳои арабӣ идома ёфта буд, ба даст омад ва имрӯз, 22-юми апрел бояд ба поён мерасид.

Пас аз созиши оташбаси дуҳафтаӣ Эрон ва Амрико барои хатми ҷанг дар Покистон беш аз 20 соат музокира карданд, вале ба натиҷае даст наёфтанд.

РЕҶАИ НАВИ КОРИ

ТАРАБХОНАҲО, МАҒОЗАҲО... ДАР ДУШАНБЕ

Аз 14-уми апрели соли 2026 реҷаи ягонаи танзими фаъолияти ташкилоту объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ба тасвиб расид.

АСОС

Бо Қарори раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи муқаррарсозӣ ва мувофиқа намудани реҷаи кории ташкилоту объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ»

УҲДАДОРӢ

Ҳама ташкилоту объектҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, уҳдадоранд реҷаи кории худро бо тартиби муқарраргардида аз нав мутобиқ намоянд.

КОМИССИЯ

Дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе комиссияи салоҳиятдор таъсис дода шуд, ки баррасӣ ва мувофиқаи реҷаи кориро амалӣ менамояд.

НОМГӮИ ОБЪЕКТҲОИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШИИ АЗ ҶИҲАТИ ТАНЗИМ МУҲИМ

№	Номгӯи объект	Реҷаи корӣ
1	Маркази дилхушӣ	18:00 — 04:00
2	Тарабхона	08:00 — 00:00
3	Ресто-бар	10:00 — 01:00
4	Чилимхона	10:00 — 00:00
5	Караоке-бар	10:00 — 00:00
6	Қаҳвахонаҳо	08:00 — 00:00
7	Ошхонаҳо ва чойхона	08:00 — 23:00
8	Тарабхонаҳои худхизматрасон	Шабонарӯзӣ
9	Маркази бозиҳои компютерӣ	10:00 — 21:00
10	Бозии лото	08:00 — 22:00
11	Нуқтаи идораи букмекерӣ	08:00 — 04:00
12	Толори саққобозӣ (Билярд)	08:00 — 23:00
13	Толори варзишӣ	08:00 — 23:00
14	Нуқтаи масҳгарӣ	08:00 — 23:00
15	Нуқтаҳои фурӯши машруботи спиртӣ	08:00 — 23:00
16	Нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти тамоку	08:00 — 23:00
17	Фурӯши силоҳ ва лавозимот ҷанги он	08:00 — 17:00
18	Бозорҳо	Вобаста ба хусусият
19	Марказҳои савдои калон	08:00 — 23:00
20	Ҳаммомхона	10:00 — 00:00
21	Марказҳои косметологӣ	08:00 — 00:00

БАРОИ СОҲИБКОРОН

Соҳибкорон метавонанд ҷиҳати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва гирифтани мувофиқаи расмии реҷаи корӣ ба комиссияи мазкур муроҷиат намоянд.

САНҶИШ ВА НАЗОРАТ

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон ва пешгирии халалдор гардидани оромию осоиши шаҳрвандон, реҷаи кории марказҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҷониби мақомоти милитсияи пойтахт ба таври мунтазам санҷиш мешавад.



МАКТАББАЧА ДУХТАРРО АЗ МАРГ НАҶОТ ДОД

Дар Душанбе як хонандаи мактаб духтареро, ки мехост худкушӣ кунад, наҷот додааст.

Ба иттилои Раёсати ВКД дар Душанбе, дар ин ҳодиса як духтари ҷавон аз пойтахт рӯзи 19-уми апрел бо қасди худкушӣ худро ба дарёи Душанбе партофтааст. Ин ҳолатро, ки тахминан соати 21:00 дар кӯчаи Соҳилӣ, дар зери пули наздикии бозори собиқ "Султони Кабир" рух додааст, Раҳматулло Мардиктоев, хонандаи синфи 11-и МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ мушоҳида



карда, ба ҷавондухтар фавран ёрии таъҷилӣ расонидааст.

"Бо талоши ӯ ҷавондухтар аз об бароварда шуда, ба Муассисаи давлатии "Беморхонаи Истиқлол" интиқол дода шуд",- навиштааст манбаъ. Мақомот сабаби даст задани духтар ба худкуширо муноқишаи оилавӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳоло ӯ таҳти назорати табибон қарор доштааст. Милитсияи Душанбе ба хонандаи мактаб "барои иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва наҷоти ҷавондухтар аз сӯйиқасди худкушӣ" миннатдорӣ баён кардааст.

РЕЗААХБОР

Дар як қатор боғҳо ва ҷойҳои ҷамъиятии шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ шабакаи Green Wi-Fi фаъолият мекунад. Дар ин бора Хадамоти алоқаи Тоҷикистон хабар медиҳад. Ба иттилои ин ниҳод, Wi-Fi-и ройгон дар боғҳои шаҳрҳо бештар мешавад.

***

Тоҷикистон барномаҳои махсус қабул кардааст, то ҳайвонҳои нодирро ҳифз кунад. "Аз ҷумла барои ҳифзи гуногунии биологӣ дар ҷумҳурӣ барномаҳои ҳифзи бабри барфӣ ва барқарорсозии саршумори бузи пармашох ва гӯсфанди кӯҳии Марко Поло мавриди татбиқ қарор доранд",- иттилоъ дод дафтари матбуоти раисҷумҳури Тоҷикистон.

***

Дар вилояти Хатлон бастан ва бекор кардани ақди никоҳ кам шудааст. Ба иттилои шуъбаи САҲШ, давоми се моҳи соли ҷорӣ дар вилоят 345 ҳолати бекор кардани ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки ин омор дар ҳамин давраи соли гузашта 449 ҳолатро ташкил медод. Ба гуфтаи манбаъ, дар ин давра 5 ҳазору 433 ҳолати бастани ақди никоҳи шаҳрвандон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки ин омор дар се моҳи соли 2025-ум 7 ҳазору 340 ҳолатро ташкил медод.

***

Дар Тоҷикистон масоҳати минтақаҳои махсус ҳифзшаванда ба 22% расидааст. Инро президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти Остона эълон кард. Ӯ инчунин қайд кард, ки кишвар барномаи сабзсозии кишвар то соли 2040 қабул кардааст, ки шинондани беш аз 1 млрд дарахтро барои барқарор кардани экосистемаҳои ҷангал дар бар мегирад.

***

Дар ҷаласаи Шурои соҳибкории Русияву Тоҷикистон додугирифти маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ шуд. Раиси вилояти Суғд Рачаб Аҳмадзода зикр кард, ки дар вилоят меваҳои хушсифат, аз ҷумла зардолу, шафтолу, гелос, ангур ва анор истеҳсол мешавад. Ба гуфтаи вай, дар вилоят зиёда аз 80 ҳазор гектар боғ мавҷуд буда, дар вақти мавсим ҳамарӯза то ҳазор тонна маҳсулоти содиротӣ ба бозорҳои Русия интиқол дода мешавад.



БА ЎЗБЕКИСТОН
БО ШИНОСНОМАИ ДОХИЛӢ

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ҚАРОРЕРО ИМЗО КАРДААСТ, КИ ДАР ҲОЛАТИ БА ИҶРО ДАРОМАДАНИ ОН, ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН ИМКОН ПАЙДО МЕКУНАНД БО ШИНОСНОМАИ ДОХИЛӢ Ё ID-КОРТҲО БА КИШВАРҲОИ ҲАМДИГАР САФАР КУНАНД.

Тибқи маълумоти расмӣ, Ҳукумати Тоҷикистон рӯзи 19-уми март лоиҳаи тағйирот ба Созишномаи байниҳукуматии соли 2018-ро ба имзо расонидааст. Ин созишнома, ки ибтидо сафарҳои бевосидро барои шаҳрвандони ду кишвар ба муҳлати то 30 рӯз пешбинӣ мекард, акнун метавонад бо як тағйири муҳим такмил ёбад: иҷозаи сафар бо шиносномаи дохилӣ.

Ин тағйирот маънои онро дорад, ки шаҳрвандони ҳар ду кишвар дар сурати анҷоми расмиёти дохилӣ метавонанд бидуни шиносномаи хориҷӣ ба қаламрави ҳамдигар ворид шаванд. Яъне, рафтуомад содатар, дастрас ва камхарҷтар мегардад.

Бино ба иттилои Радиои “Озодӣ”, ҷониби Ӯзбекистон аллакай ин лоиҳаро пазируфта ва имзо кардааст ва ҳоло мунтазири тасдиқи ниҳоии он аз ҷониби Тоҷикистон мебошад.

Бо вуҷуди ин, баъзе маҳдудиятҳо низ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, ин тартиб танҳо барои сафарҳои мустақим миёни ду кишвар амал мекунад. Агар шаҳрванди Тоҷикистон аз Ӯзбекистон ба кишвари сеюм, масалан ба Русия сафар карданӣ бошад, бояд ҳатман шиносномаи хориҷӣ дошта бошад. Ҳамин қоида нисбати шаҳрвандони Ӯзбекистон низ татбиқ мегардад.

Тоҷикистону Ӯзбекистон кишварҳое ҳастанд, ки як давраи душвори муносибатҳоро пушти сар карданд. Аммо аз соли 2018 ба ин ҷониб муносибатҳои ҳамсоякишварҳо ба таври назаррас беҳтар шуданд. Сафари давлатии Мирзиёев ба Тоҷикистон дар соли 2018 як нуқтаи гардиш дар ин раванд гардид. Давоми ин солҳо аксари масоил миёни ду кишвар ҳал шуданд.

Яке аз масоиле, ки борҳо мавриди гуфтугӯ қарор мегирифт, иҷозаи сафар бо шиносномаи дохилӣ буд. Чун барои мардуме, ки хешу табор, бозор ва ҳатто зиндагии ҳаррӯзаашон ба ҳар ду ҷониби сарҳад пайванд дорад, чунин иқдом на танҳо як осонӣ, балки як зарурати зиндагист.

Татбиқи ин тартиб метавонад ба рушди тиҷорати хурду миёна такони ҷиддӣ бахшад. Тоҷирон, соҳибкорон ва ҳатто шаҳрвандони одӣ метавонанд бо осонӣ ба бозорҳои ҳамдигар дастрасӣ пайдо кунанд.

Инчунин, хароҷоти сафар коҳиш меёбад, ки барои бисёре аз шаҳрвандон аҳамияти калон дорад. Кам шудани монеаҳои бюрократӣ метавонад гардиши молу хизматрасониҳоро афзоиш диҳад.

Сода шудани рафтуомад ба рушди сайёҳӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

ТОҶИКИСТОН АЗ ЎЗБЕКИСТОН ГАЗ МЕХАРАД?

Тоҷикистон мехоҳад аз Ӯзбекистон нафт ва газ харидорӣ кунад. Ин нукта дар мулоқоти директори Агентии захираҳои модии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Аҳмадзода ва роҳбари ширкати “Ӯзбекнефтегаз” Абдуғанӣ Сангинов баррасӣ шудааст.

Аз дафтари матбуоти ширкати “Ӯзбекнефтегаз” хабар медиҳанд, ки Тоҷикистон ба хариди маҳсулот аз корхонаҳои бузурги ин ширкат таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Аз ширкат гуфтаанд, ки ҳамкорӣ байни кишварҳо ба сатҳи роҳбурдӣ расида, нафту газ метавонад бо шартҳои бозаргонӣ интиқол ёбад. Дар бораи ҳаҷми интиқол ва вақти оғози он маълумот дода нашудааст.

Маврид ба зикр аст, ки Тоҷикистон солҳои пеш аз Ӯзбекистон газ мехарид, вале соли 2012 он қатъ шуд. Дидору гуфтушунидҳои кунунӣ метавонанд ба аз саргирии интиқоли нафту газ такон бахшад.

Гуфта мешавад, зимни вохӯрии ҷонибҳо дурнамои таҳвили маҳсулоти нафту гази ширкати Ӯзбекистон ба бозори Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ҷониби Тоҷикистон ба хариди маҳсулот аз корхонаҳои бузурги саноатии ширкати “Ӯзбекнефтегаз” таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар ҳамин ҳол, аз ҳаҷми мушаххаси таҳвил ва муҳлати интиқоли эҳтимолӣ маълумот дода нашудааст.

ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ
иқтисоди ҷаҳонро гулӯгир мекунад?

(Аввалаш дар саҳ. 3)

ТАЪСИРИ ҶАНГ БА ТОҶИКИСТОН

- Аз нигоҳи шумо, дар таниши низомиии Эрону Амрико ва Исроил кадом кишварҳо бештар осеб диданд?

- Кишварҳои Араб, ҳампаймони Амрико захираҳои саршори нафту газ доранд, аммо ба кӣ мефурӯшанд? Боз ба ҳамон кишварҳое, ки истеъмолгар ҳастанд: Аврупо, Амрико ва дигар кишварҳо. Баъдан, кишварҳои нимҷазираи Араб - Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳида, Кувайт, Қатар, Баҳрайн, Уммон ва ғайрра пулеро, ки аз фурӯши нафту газ ба даст меоранд, ба иқтисоди кишварҳои истеъмолгар сармоягузорӣ мекунанд. Онҳо пулҳои сармояи худро дар бонкҳои худ нигоҳ намедоранд.

- Чӣ гуна танишҳо миёни Эрону Амрико ба Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир мерасонанд?

- Иқтисоди дунё як организмро мемонад. Вақте ки дар як канори дунё хурӯсе бонг мезанад, дар гӯшаи дигар он шунида мешавад. Масалан, тангаи Ҳурмуз яке аз шоҳрагҳои хунгарди иқтисоди дунё аст. Нафте, ки аз тангаи Ҳурмуз убур мекунад, барои кулли дунё аст.

Мо дар бораи паёмадҳо мегӯем. Як мисоли мушаххас меорам. Нуриҳои минералие, ки дар Тоҷикистон ба фурӯш гузошта мешаванд, аз тангаи Ҳурмуз убур намекунанд. Истеҳсоли кишварҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Русия аст. Пас чӣ гуна арзиш якбора боло рафт? Яъне, ба кишварҳои Осиёи Маркази аллакай таъсири худро расонд. Зеро тавлидгарони нуриҳои минералӣ мебинанд, ки дар бозори дунё, аз ҷумла Ҳиндустон, Бразилия арзиши нуриҳои минералӣ боло рафт, онҳо низ чунин мекунанд. Яъне, ин ҷо манфиат низ ҳаст. Ин ҳоло ибтидои таъсир аст. Ҳоло таъсири пурраро кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳис накардаанд.

ШИКАСТИ ЧИН, КОҲИШИ ЭЪТИМОДИ АМРИКО

- Коршиносон ҳадс мезананд, ки яке аз ҳадафҳои асосии танишҳои миёни Эрону Амрико маҳдуд кардани нуфуз ва рушди иқтисодии Чин аст...

- Бале чунин ҳам ҳаст. Зеро Чин аз ҳама бештар манфиатдори нафти Эрон аст. Нафти Эронро бо арзиши хеле паст мехарад. Ҳатто касе намедонад, ки он чанд аст. Ҳатто баъзан на ба ивази пул, балки бар ивази молу коло мубодила мекунад. Инчунин, нафти Эрон бо юан харидаву фурӯхта мешавад. Чин дар инфрасохтори Эрон ҳам саҳм мегузорад. Аксари сармоягузорони Чин дар ҳаводиси ахир зиён диданд. Ҳадафи Амрико ба зону задани рушди иқтисоди Чин аст. Зеро қобилияти харидории Чин аз Амрико гузаштааст. Бубинед, қабл аз сафаре, ки Президенти Амрико ба Чин дошт, ҳамин ҳодиса сурат гирифт.

- Барои кишварҳои хурду осебпазир, мисли Тоҷикистон, дар чунин шароити геосиёсӣ кадом сиёсати иқтисодӣ муҳим аст: захира намудани маҳсулоти стратегӣ, назорати бозор, диверсификатсияи воридот ё таҳкими амнияти энергетикӣ?

- Дар чунин шароит кишварҳое зиён мебинанд, ки вобастагии зиёд ба бозори ҷаҳонӣ доранд. Вақте ки як давлати миллӣ зиёда аз 50 фисади эҳтиёҷоти дохилии бозори худро аз хориҷи кишвар ворид мекунад, осебпазир аст. Вақте ки як кишвар ҳамагӣ 10-20 фисади эҳтиёҷоти худро аз берун ворид мекунад, аз нигоҳи иқтисодӣ соҳибихтиёр аст. Зеро иқтисод таъин ва муайянкунандаи сиёсат аст.

Ҳамчунин, дар танишҳои ахир миёни Амрико ва Эрон кишварҳое осеб мебинанд, ки истеҳсол ва захираҳои нафту газ ва нуриҳои минералӣ надоранд. Кишварҳое, ки маҳсулоти истеъмолии худ, масалан, гандум, равғани растанӣ, шакар ва ба ин монандро аз хориҷ ворид мекунанд, зиён мебинанд. Зеро арзиши ин намуд маҳсулот дар бозор боло меравад. Он чӣ имрӯз дар бозор ба фурӯш гузошта мешавад, захира ва ҳосили соли гузашта аст. Ҳосили имсола аллакай қимат мешавад. Хароҷоти сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ афзоиш меёбад. Дар натиҷа нархи ниҳоии нарх боло меравад.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

ТАНҲО ЗАБОН АСТ, КИ ДАР ҲАМА ДАВРУ ЗАМОН ТАЪРИХИ ВОҚЕӢ ВА РОСТИНИ МИЛЛАТРО ДАР ҲОФИЗАИ ХУД НИГОҲ МЕДОРАД.

Эмомалӣ Раҳмон,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



МАН ТОҶИКАМ!

Дар суҳбатҳои одӣ гоҳ-гоҳ саволу ҷавобҳое пеш меоянд, ки инсонро ба андеша мебаранд:

— Ту аз кадом миллатӣ?,— мепурсад яке.

— Ман ғармӣ, помирӣ, дарвозӣ, кӯлобӣ, хуҷандӣ, истаравшанӣ, зарафшонӣ, ҳисорӣ, регарӣ, варзобӣ...,— садо медиҳанд посухҳо.

Баъзан ҷавобҳо ба номи деҳа, маҳали хурд, ҳатто гузар иртибот мегиранд.

Дар назари аввал ин посухҳо сода ва безарар менамоянд, вале дар асл гувоҳ аз мушкилоти амиқи иҷтимоӣ ва маърифатӣ медиҳанд, ки иртибот на ба калима, балки ба шуур мегиранд. Дар ин гуфторҳо мафҳуми «миллат» бо «маҳал» омехта шудааст. Ва натиҷа он аст, ки инсон ноогоҳона доираи фаррохи ҳувияти худро ба доираи танги чуғрофӣ маҳдуд месозад.

Инсон пеш аз ҳама мавҷуди худшинос аст. Ӯ пайваста, чун бузургони хирад дар ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи «Ман кистам?» қарор дорад.

Ин «ман» метавонад чандқабата бошад: ман фарзанди падару модар, ман сокини як маҳал, ман намояндаи як миллат. Аммо бахс сари он аст, ки кадоме аз ин «ман»-ҳо инсонро ба ваҳдат мебарад ва кадоме дар ҳудуди танг маҳдуд сохта, ба нестӣ мерасонад?

Маҳал оғози инсон аст, аммо миллат идомаи ӯст. Маҳал инсонро ба дунё меорад, миллат бошад, ӯро ба таърих мепайвандад. Агар инсон худро танҳо бо маҳал шиносад, ӯ дар доираи танги гузашта маҳдуд мемонад. Вале агар худро бо миллат бишносад, ӯ ба як сарнавишти бузург мепайвандад.

Он чӣ имрӯз дар ҷомеаи мо ба назар мерасад, тасодуфӣ нест. Ин як падидаест, ки решаҳои таърихӣ дорад.

Дар давраҳое, ки давлатдории миллӣ ҳанӯз шакл нагирифта буд, инсонҳо худро пеш аз ҳама бо қабила, қавм ва маҳали худ мешинохтанд. Баъдтар ин ҳисси ҳувият ба сатҳи минтақа ва ҳатто ба як ҷуғрофиё васеъ шуд. Ҳоло ҳам дар баъзе ҷойҳо ин ҳисси ҳувият ба таври комил аз байн нарафтааст. Ҳатто дар ҷомеаҳои муосир ҳам ин ҳисси ҳувият ба таври комил аз байн нарафтааст. Ҳатто дар ҷомеаҳои муосир ҳам ин ҳисси ҳувият ба таври комил аз байн нарафтааст.

> **МИЛЛАТ ТАНҲО НОМ НЕСТ. МИЛЛАТ ИДЕЯИ ЯГОНАГӢ, ТАЪРИХИ МУШТАРАК, АРЗИШҲОИ УМУМӢ ВА САРНАВИШТИ ЯКҶОЯ МЕБОШАД. МИЛЛАТ ИНСОНРО АЗ МАҲДУДИЯТИ МАҲАЛ БЕРУН МЕБАРАД, ӮРО БА ФАЗОИ ВАСЕЪТАРИ ТАЪРИХ, ФАРҲАНГ ВА ОЯНДА МЕПАЙВАНДАД.**

рои онҳо «мо» маънои як гурӯҳи маҳдуди одамонро дошт, ки дар як водӣ, як деҳа ё як минтақа зиндагӣ мекарданд.

Ин марҳиларо бисёр миллатҳои ҷаҳон аз сар гузаронидаанд. Дар Аврупо то давраҳои наздик сокинонаш худро на «фаронсавӣ», «олмонӣ» ё «итолиёӣ», балки бургундӣ, саксонӣ ё ситсилиягӣ мешумориданд. Миллат ҳамчун як ҳувияти фаррох дертар, бо рушди давлатдории муосир ба вуҷуд омад.

Дар Фаронса пас аз инқилоб давлат сиёсати ягонагии миллиро пеш бурд: як забон, як низоми маориф, як ҳувият. Дар Ҷопон низ, сарфи назар аз фарқиятҳои минтақавӣ, ҳувияти миллӣ болотар аз ҳама гузошта шуд.

Ҷомеаи мо низ аз чунин марҳила гузаштааст. Аммо масъала дар он аст, ки оё мо ин марҳиларо пушти сар кардаем, ё ҳанӯз дар он қарор дорем?

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайгирона пеш бурда мешавад, масъалаҳои ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ ва мубориза бо ҳама гуна зуҳуроти тафриқаандоз, аз ҷумла маҳалгароӣ ҷойгоҳи махсус доранд.

Вақте инсон дар ҷавоб ба саволи миллат маҳали худро ном мебарад, ӯ ноогоҳона як арзишро аз арзиши дигар болотар мегузорад. Ӯ нишон медиҳад, ки барои ӯ «мо»-и маҳаллӣ муҳимтар аз «мо»-и миллӣ аст.

Ин гуна тафаккур, агар дар сатҳи фардӣ безарар намояд ҳам, дар сатҳи ҷомеа метавонад паёмадҳои ҷиддӣ дошта бошад:

— суст шудани ҳисси ваҳдати миллӣ;

— тақвияти тафриқаҳои дохилӣ;

— ба вуҷуд омадани рақобатҳои носолими маҳаллӣ;

— маҳдуд шудани ҷаҳонбинии инсон.

Дар чунин шароит миллат на ҳамчун як арзиши муттаҳидкунанда, балки танҳо ҳамчун як калимаи расмӣ боқӣ мемонад.

Миллат танҳо ном нест. Миллат идеяи ягонагӣ, таърихи муштарак, арзишҳои умумӣ ва сарнавишти якҷоя мебошад. Миллат инсонро аз маҳдудияти маҳал берун мебарад, ӯро ба фазои васеътари таърих, фарҳанг ва оянда мепайвандад.

Агар маҳал ба инсон посухи саволи «ман аз кучоям?»-ро диҳад, миллат уфуқи андешаи ӯро фаррохтар месозад ва ба саволҳои «ман дар кучо ҳастам?» ва «ба кучо равонаам?» посух мечӯяд.

Аз ин ҷост, ки миллат пояи давлат аст. Давлате, ки шаҳрвандонаш худро пеш аз ҳама намояндаи маҳал медонанд, наметавонад пурра муттаҳид ва устувор бошад.

Чаро ин мушкил боқӣ мондааст?

Сабабҳо гуногунанд:

Аввал, мероси таърихӣ. Шуури инсон зуд тағйир намеёбад. Ҳатто вақте ки шароити иҷтимоӣ дигар мешавад, тафаккур метавонад солҳо, ҳатто даҳсолаҳо дар шакли кӯҳна боқӣ монад.

Дуюм, омилҳои иҷтимоӣ. Дар бисёр ҳолатҳо маҳал дар симои хешу табор, дӯстону шиносон барои инсон манбаи асосии эътимод ва дастгирист. Аз ин рӯ, ӯ худро бештар бо ҳамин доира мепайвандад. Аммо хатари ин ҳолат дар он аст, ки чунин вобастагӣ тадриҷан ҷаҳонбинии инсонро танг месозад, ҳисси умумимиллӣ ва масъулияти фаррохро заиф мекунад. Дар натиҷа, манфиатҳои маҳаллӣ метавонанд бар манфиатҳои миллӣ ғолиб оянд, эътимод ба дигарон коҳиш ёбад ва замина барои тафриқа, гурӯҳбозӣ ва ҳатто ихтилофҳои иҷтимоӣ пайдо гардад.

Сеюм, камбуди маърифати фалсафӣ ва миллӣ. Дар ҷомеае, ки тафаккури фалсафӣ ва худшиносии миллӣ ба сатҳи зарурӣ рушд накардааст, инсон мафҳумҳоро на аз рӯйи моҳият, балки аз рӯйи одат ва муҳити атроф дарк мекунад. Дар натиҷа, фарқ миёни «миллат» ва «маҳал» норавшан мемонад ва ин ду мафҳум ба осонӣ бо ҳам омехта мешаванд.

Хатари чунин вазъ дар он аст, ки шуури ҷамъиятӣ тадриҷан аз асл дур мегардад: миллат ҳамчун арзиши олӣ заиф мешавад, тафаккури маҳдуд ҷойи ҷаҳонбинии фаррохро мегирад ва худшиносии миллӣ ба як эҳсоси ноқис табдил меёбад.

Ислоҳи ин тафаккур кори якрӯза нест. Ин равандест, ки ба тарбия, маориф ва фарҳанг сахт вобаста аст.

Пеш аз ҳама, бояд мафҳуми миллат ба таври дуруст, амиқ ва пайгирона фаҳмонида шавад. На танҳо ҳамчун як истилоҳ, луғат ё мафҳуми расмӣ, балки ҳамчун арзиши зинда ва пойдор, ки инсонро бо таърих, фарҳанг, забон ва сарнавишти муштарак мепайвандад.

Ин фаҳмондадиҳӣ бояд аз сатҳи сухан берун рафта, ба сатҳи дарк ва эҳсос бирасад. Инсон бояд миллатро на танҳо бишиносад, балки онро эҳсос кунад, бо он ифтихор намояд ва худро дар назди он масъул донад. Танҳо дар ҳамин сурат миллат аз як калима ба як қувваи муттаҳидкунанда ва роҳнамои ҷомеа табдил меёбад.

Дуюм, дарси таърих бояд ҳамчун таърихи ягонаи миллат омӯзонида шавад. На ҳамчун маҷмӯи пора-пора аз саргузаштҳои маҳаллӣ, балки ҳамчун як ҷараёни муттасил ва умумиллӣ, ки ҳамаи минтақаҳо ва наслҳоро ба ҳам мепайвандад. Дар ин раванд нақши барномаҳои таълимии мактабӣ бисёр муҳим аст. Мактаб маҳз он маконест, ки шуури аввалини таърихӣ ва миллӣ шакл мегирад. Агар таърих дар китобҳои дарсӣ ва дарсҳо ба таври фарогир, мутавозин ва бо таъкиди ягонагии миллӣ омӯзонида шаванд, хонанда аз синни хурдӣ дарк мекунад, ки ҳар маҳал ҷузъи як Ватан аст ва сарнавишти ӯ аз сарнавишти миллат ҷудо нест. Дар акси ҳол, агар таълим танҳо ба доираи маҳдуди маҳал такя кунад, робитаи умумимиллиро равшан накунад, таърих ба маҷмӯи хотираҳои пароканда табдил ёфта, ба ҷойи муттаҳид сохтани ҷомеа эҳсоси ҷудоӣ ва маҳдудиятро тақвият медиҳад.

Сеюм, фарҳанг ва расонаҳо бояд идеяи ягонагии миллиро пайгирона ва ҳадафмандона тақвият диҳанд. Онҳо танҳо василаи иттилоърасонӣ нестанд, балки нерӯи шаклдиҳандаи шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷост, ки масъулияти онҳо дар тарбияи эҳсоси ҳувияти миллӣ бисёр бузург аст.

Тавассути адабиёт, кино, театр, мусиқӣ, барномаҳои телевизионӣ, расонаҳои чопӣ бояд симои фаррох ва ҷолиби миллат офарида шавад, симое, ки ҳар фарди ҷомеа худро дар он чун дар ойина мебинад. Расонаҳо бояд арзишҳои умумимиллӣ, таърихи муштарак ва дастовардҳои миллиро ба таври зинда ва таъсирбахш инъикос намоянд.

Инсон бояд на танҳо донад, балки эҳсос кунад, ки «тоҷик будан» ифтихор аст, ифтихоре, ки ӯро ба дигарон мепайвандад, на аз онҳо ҷудо месозад.

Чаҳорум, инсон бояд ба худ рӯ оварад ва бо чиддият ин суолро матраҳ созад: оё ман танҳо намояндаи як маҳал ҳастам, ё узви як миллати бузург?

Ин савол як имтиҳони виҷдонист. Ҷавоб ба он самти тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва ҳатто рафтори иҷтимоии инсонро муайян мекунад. Агар инсон худро танҳо дар доираи маҳал маҳдуд созад, уфуқи андешаи ӯ низ танг мемонад. Аммо, агар худро узви як миллати бузург эҳсос кунад, масъулияти ӯ фаррохтар мегардад ва нигоҳи ӯ ба гузашта, имрӯз ва оянда маънои амиқтар пайдо мекунад.

Агар хоҳем, ки ҷомеаи мо рушд кунад, бояд мафҳумҳои «миллат» ва «маҳал»-ро ба ҷойи худ гузорем. Маҳалро эҳтиром кунем, аммо миллатро болотар бимонем.

Зеро танҳо миллат метавонад моро муттаҳид созад, ба қувва табдил диҳад ва ба сӯйи оянда раҳнамо созад.

Ва шояд он рӯз дур нест, ки ба саволи «аз кадом миллатӣ?» бо ифтихор, бе дудилагӣ ҷавоби зерин ба забон ояд:

Ман тоҷикам!

Шариф ҲАМДАМПУР

ҲАҶ - 2026

Арабистони Саудӣ қоидаҳои нав ҷорӣ кард



МАҚОМОТИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ОСТОНАИ МАВСИМИ ҲАҶИ СОЛИ 2026 ҚОИДАҲОИ ВУРУД БА ШАҲРИ МУҚАДДАСИ МАККАРО БОЗ ҲАМ САХТТАР КАРДАНД. ИН ИҚДОМ, БА ГУФТАИ МАСЪУЛОН, БА ХОТИРИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЗОИРОН ВА ТАНЗИМИ РАВАНДИ ЗИЁРАТ ДАР ЯКЕ АЗ БУЗУРГТАРИН ҶАМЪОМАДҲОИ МАЗҲАБИИ ҶАҲОН РОҲАНДОЗӢ ШУДААСТ.

ВУРУД ТАНҲО БО ИҶОЗАТНОМАИ МАХСУС

Тибқи иттилои расмии Вазорати корҳои дохилии ин кишвар, аз 13-уми апрели соли ҷорӣ ворид шудан ба Макка танҳо барои шахсоне имконпазир аст, ки дорои иҷозатномаи махсус мебошанд. Ин талабот пеш аз ҳама ба зоироне дахл дорад, ки барои адои маросими ҳаҷ меоянд.

Ҳуқуқи вурудро танҳо гурӯҳҳои зерин доранд:

- шахсоне, ки иҷозатномаи расмии ҳаҷро ба даст овардаанд;

- сокинони таҳҷоии Макка;

- кормандоне, ки бо иҷозатномаҳои махсуси электронӣ фаъолият мекунанд.

Барои кормандон низ низоми электронии иҷозатнома ҷорӣ шудааст, ки тавассути барномаҳои муосир, аз ҷумла Tasrih, Absher Afrad ва Bawaba Muqim дастрас мегардад.

МАҲДУДИЯТҲОИ САХТТАР АЗ 18-УМИ АПРЕЛ

Аз 18-уми апрел маҳдудиятҳо дар Арабистони Саудӣ боз ҳам пурзӯр карда шуданд. Дар ин давра ворид шудан ба Макка барои ҳамаи дорандагони навъҳои гуногуни раводид, аз ҷумла сайёҳӣ ва умра пурра манъ гардидааст. Танҳо соҳибони визаи махсуси ҳаҷ метавонанд вориди шаҳр шаванд.

Ҳамчунин:

- аз 18-уми апрел то 31-уми май додани иҷозатнома барои адои умра муваққатан қатъ шудааст;

- зоироне, ки бо раводиди умра аллакай дар Макка қарор доранд, вазифадоранд шаҳрро тарк кунанд.

ҶАРИМА ВА МУҶОЗОТИ САХТ

Мақомоти Саудӣ барои вайронкунандагони қоидаҳои нав ҷазоҳои ҷиддӣ пешбинӣ кардаанд.

Аз ҷумла:

- ворид шудан ба Макка бидуни иҷозатнома то 20 ҳазор риёли саудӣ (тақрибан 5,5 ҳазор доллар) ҷарима дорад;

- барои интиқол, паноҳ додан ё кумак ба зоирони ғайриқонунӣ ҷарима метавонад то 100 ҳазор риёл (ҳудуди 26,5 ҳазор доллар) расад.

Илова бар ин, вайронкунандагон:

- аз кишвар ихроҷ мешаванд;

- барои 10 сол аз ҳақи вуруд ба Арабистони Саудӣ маҳрум мегарданд;

- воситаҳои нақлиёти онҳо мусодира мешавад.

ҲУШДОР БА ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН

Барои шаҳрвандони Тоҷикистон имсол квотаи ҳаҷ 7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Арзиши сафар бошад, 53 ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст. Қарор аст, ки гусели нахустин гурӯҳи зоирон аз 6-уми май оғоз шавад.

Бо вуҷуди ин, чанде пеш Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим аз ҳолатҳои нигаронкунанда хабар дод. Гуфта мешавад, гурӯҳе аз шаҳрвандони Тоҷикистон, ки тавассути роҳҳои ғайрирасмӣ бо ваъдаи адои ҳаҷ ба сафар рафта бударанд, бо сабаби қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳо сарсон мондаанд. Онҳо аз мақомоти кишвар ва сафорат дархости бозгашт ба Ватан кардаанд, аммо то ҳол тақдири онҳо номаълум боқӣ мемонад.

Мақомоти марбутаи Тоҷикистон борҳо таъкид кардаанд, ки шаҳрвандон бояд танҳо аз роҳҳои расмӣ барои адои ҳаҷ сабтином шаванд. Тачрибаи солҳои гузашта нишон медиҳад, ки истифода аз миёнравони ғайриқонунӣ метавонад ба мушкилоти ҷиддӣ, аз ҷумла фиреб ва сарсонӣ дар хориҷи кишвар оварда расонад.

Д. ҚОДИРПУР

ЛУҚМА

АЗ ЭҲТИЁҶ ТО «КАСБ»

Талбандагӣ дар кӯчаҳои пойтахт



ВАҚТҲОИ ОХИР МАНЗАРАЕ, КИ ДАР КӮЧАВУ ХИЁБОНҲОИ ДУШАНБЕ ДИДА МЕШАВАД, БОИСИ НИГАРОНИИ ҶИДДИСТ: АФЗОИШИ ЗАНОНИ ТОҶИКЕ, КИ БА ТАЛБАНДАГӢ МАШҒУЛАНД. ИН ДИГАР ЯК-ДУ ҲОЛАТИ ТАСОДУФӢ НЕСТ, ИН АЛЛАКАЙ БА ЯК ПАДИДАИ ГУСТУРДА ТАБДИЛ ЁФТА ИСТОДААСТ.

Шомгоҳон, вақте мардум баъди як рӯзи кори сангин мехоҳанд каме оромӣ ёбанд, гурӯҳе аз занон ба “шикор” мебароянд. Ду-се нафар, ҳатман бо як зани солхӯрда ва ё кӯдаки беморе ба назди роҳгузарон, махсусан ҷавонон наздик мешаванд ва бо ҷумлаҳои азёдшудаи “шавҳари бемор дорам”, “фарзандам бемор аст” пул талаб мекунанд.

Ин як саҳнаи такрорӣ аст, ки ҳар вақт - рӯз ё шаб дар чандин нуқтаи шаҳр дида мешавад.

Онҳо на танҳо дар кӯча, балки ба мағозаҳо, ошхонаву тарабхонаҳо ворид шуда, миёни суҳбати одамон медароянд, садақа мепурсанд. Истироҳати мардум, фазои ороми шаҳр барои онҳо аҳамияте надорад.

Ин дигар эҳтиёҷмандӣ не, балки як усули одатшудаи дарёфти пул аст.

Саволи асосӣ ин аст, чаро бояд зане, ки қобилияти меҳнат дорад, роҳи осонтар - талбандагиро интихоб кунад? Оё ин роҳи ҳал аст ё нишонаи беномусӣ ва ё бемасъулиятӣ?

Дишаб тақрибан соатҳои 23-ву 35 дар маҳаллаи 33 назди тарабхонаи «Форам» чунин манзарароро дидам. Вақте ба онҳо гуфтам, ки ба занони меҳнатдӯсти роҳрӯб нигаранд, ки дар рӯ ба рӯяшон заҳмат мекашиданд ва ҳалол зиндагӣ мекунанд, посухи муносиб нагирифтам. Баръакс, онҳо бе ҳеҷ шарм кори худро идома доданд, аз «Форам» то маркази савдои «Эҳсон» қариб ба ҳар нафар мурочиат мекарданд, ки нофорам буд.

Ин дигар танҳо як масъалаи иҷтимоӣ нест, ин масъалаи обрӯи занони тоҷик аст. Вақте чунин рафтор зиёд мешавад, он тасаввуроти ҷомеаро тағйир медиҳад ва арзишҳои меҳнату номусро зери суол мебарад.

Беамалӣ дар ин самт метавонад паёмадҳои ҷиддӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мақомоти масъул, бахусус полиси пойтахт ба ин масъала бетараф набошанд. Пешгирии чунин амалҳо на танҳо ҳифзи тартибот, балки ҳифзи арзишҳои ҷомеа аст.

Абдураҳмон РАҲМОНОВ



Латиф Нозимӣ:

ШЕЪРИ ТОҶИК ХУБ АСТ, ВАЛЕ МОДЕРН НЕСТ!

ЛАТИФ НОЗИМӢ ЯКЕ АЗ ШОИРОНИ БУЗУРГИ МУОСИРИ ФОРСИЗАБОН АСТ. ДАР КОБУЛ ТАҲСИЛ КАРДА, МУДДАТЕ УСТОДИ ДОНИШГОҲ БУДААСТ. БАЪДАН ДАР РАДИОИ АФҒОНИСТОН ФАЪОЛИЯТ ДОШТ. ОҒОЗИ ШУҲРАТИ ШОИРӢ ЁФТАНАШ БА ДАВРОНЕ РОСТ ОМАД, КИ КИШВАРАШ ДАР ГИРДОБИ ВОҚЕАҲОИ СИЁСӢ ФУРӮ РАФТА БУД. ЧУН НОЗИМӢ БО НИЗОМИ КОММУНИСТӢ МУХОЛИФАТ ДОШТ, ЗИНДОНӢ ШУД. ПАС АЗ ОЗОДӢ БА ОЛМОН РАФТ ВА ДАР ОН ҶО ТАҲТИ РОҲБАРИИ ШАРҚШИНОС МАНФРЕД ЛОРЕНС РИСОЛАИ ДОКТОРӢ ДИФОЪ КАРД. СОЛҲО ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҲАМБУРГ ВА ФРАНКФУРТ ПРОФЕССОР БУД. ҲОЛО МАШҒУЛИ КОРИ ЭҶОДИСТ ВА БА ҚАВЛИ МО ТОҶИКОН, “ДАВЛАТИ ПИРӢ” МЕРОНАД.

Устод Латиф Нозимӣ рӯзҳои тағлили ғашни Наврӯз меҳмони Тоҷикистон буд. Бо эшон суҳбате доштем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.

БА ТОҶИКИСТОН АЛОҚАМАНДИИ ХОС ДОРАМ

- Имрӯзҳо дар Тоҷикистон чӣ ҳолу ҳавое доред?

- Феълан, банда дар Тоҷикистон меҳмон ва масруфи суҳбат кардану суҳбат шунидан ҳастам. Бояд бигӯям, ки банда алоқамандии хосе ба Тоҷикистон дорам ва инро дар ҳама суҳбатҳоям гуфтаам. Ин алоқа ношӣ аз муштаракоте аст, ки дар забон, адабиёт, фарҳанг, таърих ва ғайра мо дорем. Ман доктори адабиёт ҳастам. Як нуктаро низ бояд ёдовар бишавам. Чанд сол қабл дӯстон ба ман пешниҳод карда буданд, ки як докторӣ аз Тоҷикистон низ бигирам. Банда он замон аллакай унвони докторӣ доштам. Вале бо вуҷуди ин, мавзуъ гирифтам ва рисоларо навиштам, аммо барои дифоъ омада натавонистам ва ин кор амалӣ нашуд...

- Бори аввал кай ба Тоҷикистон омада будед?

- Дар даврони Ҳукумати Шуравӣ. Соли 1980-и мелодӣ ба тағлили ғашни ҳазорсолагии Ибни Сино даъват шуда будам. Ҳамоишҳои илмӣ ва фарҳангӣ бахшида ба ин ғашн аввал дар Маскав, баъдан дар Тошканд баргузор шуданд ва ахиран дар Душанбе ғамъбаст гардиданд. Як моҷаро, ки дар он рӯзҳо иттифоқ афтод, ҳанӯз дар ёдам ҳаст. Тандиси Ибни Сино, ки дар Тошканд сохта буданд, боиси норозигии дӯстони тоҷик ва баҳсу мунозираҳои онон бо дӯстони ӯзбек шуд. Баҳс ба ҷое расид, ки ӯзбекҳо мегуфтанд, ки Сино аз Бухорову турк аст ва тоҷикон пойфишорӣ мекарданд, ки Сино ғадди онҳост. Банда бо ҳазл, филбадеҳа як шеър навиштам ба ин мазмун, ки баҳси шумо бефоида аст, зеро Ибни Сино аз Балх аст. Дар фаҳмиши даврони Шуравӣ Балх як сарзамини “бегона” буд ва касе дарк накард, ки банда ба тоҷик будани Сино ишора доштам. Вале шеъри ман, ки оҳанги танз дошт, дӯстонро шод кард ва маҷрои баҳсро ба дигар тараф бурд.

- Он шеър ба ёдатон ҳаст?

- Не. Ин ҳама сол гузашт. Шояд даруни кадом дафтар бошад.

- Гуфтед, ки аз даврони Шуравӣ ба Тоҷикистон равуо доред. Аз шуарои тоҷик киҳоро мешинохтед?

- Бисёриҳоро албатта мешиносам. Иртиботи бисёр зиёд бо равоншод Муъминшои Қаноат доштам. Дар сафарҳои зиёде якҷоя будем. Бо Низом Қосим низ дар бисёр сафарҳо ҳамроҳ будем ва ӯ низ аз дӯстони банда аст. Яке аз шоирони хуби шумо ба наҳве шогирди ман буд - Искандари Хатлонӣ. Мо дар Кобул дӯст шуда будем ва ба хонаи ман равуо дошт. Вақте фаҳмидам, ки кушта шуда, бисёр ғамгин шудам. Бо зиндаёд Лоиқ, худобиёмурз Муҳаммадалии Аҷамӣ дӯст будам, ки афсӯс, аз олам даргузаштанд...

МАЪНИИ НАВ ДАР ҚОФИЯИ ДИРӮЗӢ

- Мехоҳам дар бораи шеъри муосири тоҷик назари шуморо бидонам. Оё бо эҷодиёти адибони мо ошноӣ доред?

- Бале. Аз устод Айнӣ ба баъд бо эҷодиёти ҳама шоирони тоҷик ошноӣ дорам. Вале ин ошноӣ сарсарӣ аст, чун расмулхати сириликро намедонам. Вале шеърҳое, ки ба форсӣ чоп шудаанд, ағлабро хондаам. Масалан, бо ашъори Муъмин Қаноат, Лоиқ, Гулрухсор, Аҷамӣ, Сиёвуш, Фарзона, Аскар Ҳаким, Низом Қосим ва чанд нафари дигар ошноии хубе дорам ва инҳо ба назари ман шоирони тавоно ҳастанд.

- Шеъри тоҷик аз шеъри Эрону Афғонистон чӣ фарқият дорад? Ҳамчунин аз монандиҳову муштаракот бигӯед.

- Аввалан аз назари мазмун фарқ мекунад. Иллаташ ин аст, ки тоҷикон 70 сол дар зери шароити хосе зистанд. Иҷоза надоштанд, ки Наврӯзро тағлил кунанд ё аз ҳувияти хеш озодона бигӯянд. Бинобар ин, дар шеъри муосири тоҷик як навъ ормонгароӣ ва ҳасрат барои ҳувияти миллӣ эҳсос мешавад. Мисли одамоне, ки аз банд озод шудаанд. Воқеан шумо дар банд будед, дар замони Шуравӣ. Ин албатта, назари шахсии ман аст. Ман он замон ҳам дар ин ҷо будам ва аз пешрафтҳои зиёди Тоҷикистон дар он рӯзҳо огоҳам. Вале адабиёт дар ҳавзаи хосе рушд мекард ва барои ҳифз ва тарғиби ҳувияти фарҳангӣ русҳо иҷоза намедоданд. Беҳтараш бигӯям, Шуравӣ иҷоза намедод. Чун намехоҳам русҳоро гунаҳгор кунам. Банда ба Русия як навъ иртиботи хос дорам. Аввалин шоире аз сарзамини худ ҳастам, ки соҳиби Медоли тилоии Пушкин шудаам. Ду китобам дар он ҷо тарҷума ва чоп шудааст. Забони русӣ намедонам, аммо дӯстони зиёде дорам ва зиёд ба Русия сафар кардаам. Як замон мегуфтанд, ки тамоми роҳҳо аз Рум мегузарад ва солҳое, ки Ҳизби демократи халқ дар Афғонистон ҳукмрон буд, ҳама роҳҳо аз Маскав мегузашт. Мо агар мехостем ба Деҳлӣ биравем, тариқи Маскав мерафтем...

- Имрӯзҳо дар адабиёти муосири Эрон шеъри нав маъмул мешавад. Дар кишвари мо ҳам шоирон ба сурудани шеъри сафед оғоз карданд, вале он зиёд истиқбол нашуд. Шумо яке аз саромадони шеъри нав дар Афғонистон ҳастед ва дар бораи ҷараёнҳои нави шеър зиёд нақд ҳам навиштаед. Ин равандро дар Тоҷикистон чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

- Бо шумо мувофиқам. Бо камоли маъзарат аз тамоми шоирони Тоҷикистон, ки бо аксар дӯст, ҳамсафар ва ҳампиёла будему ҳастем, чун суол додед, банда кӯшиш мекунам холисона суҳбат кунам. Дар кишвари мо ҳам шеъри нав зуд ворид нашуд ва масири тӯлониро тай кард. Ман аз чумлаи касоне ё аввалин касе ҳастам, ки ба гуфтани ғазали нав шуруъ кардам. Агар фаъолияти эҷодии банда аз соли 1964 оғоз шуда бошад, ба шеъри нав дар даҳаи 80 оғоз кардем. То ин вақт мо ғазали нав надоштем. Шумо ҳам имрӯзҳо чунин марҳаларо пушти сар мекунед. Шеъри тоҷик як даврони рукуди модернизмро ба сар мебарад. Дар ҳамин чанд рӯз, ки дар Душанбе будем, шеър зиёд шунидам, тамоми шеърҳое, ки шунидам, хуб буданд, вале модерн набуданд. Муҳим нест, ки шеър ғазал бошад ё шеъри сафед ва ё дубайтӣ. Муҳим он аст, ки модерн бошад.

- Аз ин гуфтаи шумо дарк мекунам, ки қолаб он қадар муҳим нест, балки маънӣ муҳим аст. Дуруст дарк кардам?

- Бале. Бубинед, дар таърифи шеър, ки аз замони Арасту то ба имрӯз бисёр тағйир карда, як нукта то имрӯз бетағйир боқӣ мондааст, андешаи манзум ва ҳамоҳанг будани шеър. Аз ин лиҳоз андеша дар шеър ҷавҳари асосӣ аст. Аз назари андеша шеъри тоҷик аҷиб намонда, балки мавзуҳо ва маъниҳои нав зиёд дорад ва пешрафт низ, балки аз назари форм модерн нашуда. Шумо шоироне доред, ки шеъри модерн доранд, вале ин ба унвони ҷараён нест. Шоирон маро бубахшанд, зеро ман дар мавриди шеъри кишвари худам ҳам сахтгир ҳастам. Вақте форм мегӯям, қолибро дар назар надорам. Форм, яъне шумо чӣ навъ ба андешаи худ шакл медиҳед. Шумо ҳам дар ҷаласае, ки имрӯз якҷоя иштирок кардем, як шеъри Мижгони Соғарро шунидед, ки комилан модерн буд, гарчанде бо қофияҳои дирӯзӣ.

Гуфта буд:

Дар ман ҳазор чилчила зиндонист.

Мумкин аст, нафаре мегуфт, ки овози маро гирифтаанд, маро хафа кардаанд, вале Мижгон андешаро ба шакли модерн баён кардааст.

НИГАРОНӢ АЗ ШЕЪРИ ОМИЁНА

- Ин ҷараён дар шеъри муосири Афғонистон чӣ гуна аст?

- Ман боре гуфта будам, ки дар мавриди ояндаи шеъри Афғонистон ҳам умедворӣ дорам, ҳам нигаронӣ. Умедворӣ ин аст, ки насли имрӯз тавонистаи садои замони худ бошад. Бо вуҷуди монеаҳое, ки имрӯз дар кишвар аст, шоирон фаъоланд ва садояшонро тариқи ашъорашон мегӯянд ва онро дар интернет нашр мекунанд. Вале нигарониам он аст, ки имрӯз ҳар касе пул дорад, китоби шеър нашр мекунад. Қаблан мо шеърамонро ба рӯзнома медодем, агар ба талабот ҷавбгӯ набуд, чоп намешуд. Вале ҳозир касе маблағ дорад, китоб чоп мекунад. Нимо гуфта буд, ки шеърро бо лаҳни гуфтор наздик кунед, вале нагуфта буд, ки омиёна кунед. Баъзе аз шоирони мо шеъри бозору кӯча месароянд. Махсусан, дар берун аз Афғонистон ин кор афзоиш ёфтааст. Вале ба ҳар ҳол дар мавриди шеъри муосири Афғонистон хушбин ҳастам.

- Кадом шоирони Афғонистонро метавонед ном баред?

- Душвор аст. Зеро ман дар як ҳолат як шеърро дӯст медорам, дар ҳолати дигар шеъри дигарро. Бинобар ин, ду-се номро гирам, беинсофист. Гоҳо як шеърро аз шоири гумном мехонам, ки меларзам. Мо як шоир дорем ба номи Лайлии Ғазал, ки ғазали нав мегӯяд. Мижгон Соғар, Тониё Окифӣ, Ризо Муҳаммадӣ ва монанди инҳо кам нестанд. Шоире дорем ба номи Маҳтоби Соҳил, ки шоири хуб аст.

Мегӯяд:

Як истакон шароб аз он рӯйи раф бидеҳ,
Як бӯса аз даҳони худ ай ноҳалаф бидеҳ.
Як даст шав канори танам сабзу муътадил,
Харгӯшҳои пираҳанамро алаф бидеҳ.

ҲАМКОРӢ БО АҲМАД ЗОҲИР

- Яке аз шеърҳои шумо - “Шабе пурсидамаш аз беқарорӣ”-ро Аҳмад Зоҳир месарояд. Дар Тоҷикистон мухлисони Аҳмад Зоҳир зиёданд. Аз таърихи ин суруд бигӯед.

(Давомаш дар саҳ. 10)

Латиф Нозимӣ:

ШЕЪРИ ТОҶИК ХУБ АСТ, ВАЛЕ МОДЕРН НЕСТ!

(Аввалаш дар саҳ. 9)

- Танҳо ин дубайтӣ нест, ки Аҳмад Зоҳир аз ман мехонад. Сурудҳои дигаре ҳам барои ӯ сохтаам. Ман фаъолиятамро аз радио оғоз кардам, дар шуъбаи ҳунар ва адабиёт кор мекардам. Дар он ҷо бо ҳунармандони мухталиф робита доштам ва бисёриҳо сурудаҳои маро хондаанд, аз ҷумла Ношинос, Аҳмад Валӣ, хонум Ҷило ва дигарон. Дар мавриди ин суруд. Ба сурати иттифоқӣ Аҳмад Зоҳир аз ман хост, ки барои як оҳангаш дубайтӣ нависам. Ду дубайтӣ додам, ки якеро интихоб карду хонд.

- Яъне бо Аҳмад Зоҳир ошноии наздик доштед?

- Бале. Вақте дар радио кор мекардам, Аҳмад Зоҳир ором-ором шуҳрат пайдо мекард ва бо радио омадурафт дошт. Аз ҳамон замон бо ҳам ошнои наздик шудем. Як рӯз омаду гуфт, ки барои ду оҳанг мехоҳам тарона дошта бошам. Оҳангҳоро навохт. Ман сурудашро сохтам. Бори дигар дар пионо оҳангеро навохт, филбадеҳа матни онро навиштам. Дар интихоби шеърҳо ҳам ба Аҳмад Зоҳир кумак мекардам. “Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид” - шеъри Муинии Кирмоншоҳиро ман барояш интихоб кардам.

НИГАРОНӢ ВА УМЕДВОРӢ

- Бо шоироне, ки дар Афғонистон зиндагӣ мекунанд, иртибот доред?

- Иртиботи бевосита кам дорам. Шеърхояшон дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешаванд. Мехонам. Аз ҷараёни адабӣ огоҳам.

- Чанд сол шуд, ки ба Афғонистон нарафтаед?

- Аз соли 2017 ба ин ҷониб нарафтаам. Дар даврони ҷумҳурият зиёд равуо мекардам. Ҳатто як давра барои зиндагӣ рафта будам ва устоди донишгоҳ будам...

- Дур аз Афғонистон дар бораи кишвари худ фикр мекунед?

- Албатта. Нигаронӣ зиёд дорем. Кишвари мо дар чанги касоне афтода, ки ақибмондатарин афроди таърих ҳастанд ва инро ман дар шеърҳоям, дар суханроniҳоям таъкид кардаам. Умедвории ман ин аст, ки кишвари ман озод шавад ва шукуфо гардад. Масалан Наврӯз пас аз дуюним ҳазор сол дар банд аст. Забони форсӣ мавриди таҳоҷум қарор дорад. Бинобар ин, мо дар вазъияте ҳастем, ки ҳам равшанфикрони чап ва ҳам рост, ҳама нигарон ҳастанд. Фақат касоне, ки аз Ислом бардошти нодуруст доранд, розӣ ҳастанд.

- Ҳоло дар Олмон машғули чӣ кored?

- Дар донишгоҳи Ҳомбулт аз забони форсӣ дарс медодам, баъдан ба Франкфурт кӯчидам ва дар ин ҷо ҳам дарс мегуфтам. Дар радиои “Садои Олмон” ҳамкорӣ доштам. Ҳоло бознишастаам. Як созмон таъсис додаам бо номи “Хонаи Мавлоно”. Он ҷо алоқамандони шеър ҳар моҳ ҷамъ мешаванд, ҳамоиш баргузор мекунем. Соле як-ду китоб нашр мекунем.

Мусоҳиб: Одил НОЗИР





САРВАЗИРИ МАРДУМӢ

Ин мулоҳизаи адабиётшиноси маъруфи эронӣ, донишманди беназир, доктор Бадеъуззамони Фурӯзонфар ҷолибу муассир аст, ки «дар байни роҳбарони воломақоми Тоҷикистон Садри Аъзами он Абдулаҳад Қаҳҳоров аз дигарон донишманду бофарҳангтар ба чашм мехӯрд». Аз ин рӯ, ӯро, бешак, сарвазири нотакрори мардумӣ ва ҳам мисоли вазири бузурги Сомониён Абулфазли Балъамӣ пуштибони илму фарҳангу адаб ва аҳли ҳунар шинохта ва ба ҷойгоҳаш баҳои сазовор додаанд…

Дар бораи ин арбоби намоёни давлату ҷомеа, сиёсатмадори соҳибмактаб, хирадманд ва соҳибнуфуз, раиси Шурои Вазирони Тоҷикистон, олим, шоир, инсони комил Абдулаҳад Қаҳҳоров (1913-1984) хеле зиёд навишта ва дар оянда ҳам аз хусуси заҳматҳои шаборӯзии ин шахсияти номвар ба манфиати кишвари бузург ва мардуми соҳибзаҳмат, афзун бар ин чигунагии тарбияву парвариши фарзандони некманиш боз ҳам бештар хоҳанд навишт.

Абдулаҳад Қаҳҳоров дастпарвари Институти педагогии ба номи С. М. Кирови шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) ва курси бозомӯзии роҳбарии ҳизбию шуравии шаҳри Маскав буд ва солҳо дар шаҳрҳои гуногуни Хӯқанд (нозири шуъбаи меҳнат), Конибодом (раиси кумитаи иттифоқи касабаи сохтмон, раиси иттифоқи касабаи комбинати консервбарорӣ), Панҷакент (котиби кумитаи комсомолӣ, мудири шуъбаи «Тоҷиктранс», ҷонишини раиси кумитаи иҷроия, мудири шуъбаи тарғибӣ ва ташвиқӣ), Ленинобод (мудири шуъбаи тарғибӣ ва ташвиқӣ, котиб, котиби дувуми кумитаи ҳизбӣ, раиси комиҷроияи вилоят), Айнӣ ва Нов (котиби аввали кумитаи ҳизбӣ) ба фаъолият пардохтааст.

Марҳалаи дигари фаъолияти ӯ ба сифати ҷонишини раиси Шурои Вазирони Тоҷикистон, раиси Кумитаи давлатии банақшагирии Тоҷикистон, раиси Шурои Вазирони Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон (пас аз нафақа сардори Идораи бойгонии назди Шурои Вазирони Тоҷикистон) низ барои таърихи навини кишвари мо хеле пурфоида ва сабақангез будааст. Се ордени Ленин, се ордени Байраки сурхи меҳнат, ордени Инқилоби Октябр, орденҳои Ҷанги ватанӣ (дараҷаҳои 1 ва 2), унвони «Коркуни хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон» дорад.

Ба гуфтаи сиёсатмадори номӣ Ортиқ Қурбонов, «Абдулаҳад Қаҳҳоров хусусан солҳои раиси Шурои Вазирони ҷумҳурӣ буданаш худро чун фарди ҳамаҷониба камолёфта, сиёсатмадор, дипломат, дурандеш, бамаърифат ва соҳибқаламу суханвар нишон додааст. Маданияти баланди сарварӣ дошта, бо одамон доимо орому ботамкин муносибат менамуд. Ҳамкорону тобеонро на бо мансабу лафзи боисрор, балки бо мантиқи сухану далелҳои раднопазир бовар мекунонд. Абдулаҳад Қаҳҳоров дар давоми фаъолияти давлатдориаш ва тамоми умр ба пайванди халқҳо ва мустаҳкам намудани дӯстиву рафоқати онҳо мекӯшид. Ба маҳалгароӣ чун унсури пасту халалдоркунандаи дӯстӣ бо нафрат менигарист ва ба мутахассисону роҳбарони ҷавон аз рӯйи лаёқату дониш баҳо медод.

Дар мусоҳибаҳояш бо адабиётшиносон, адибон ва намояндагони санъат аён шуда меистод, ки ин шахс ҳар як соату дақиқаи фориғ аз кори давлатро ба омӯхтани адабиёту санъат мебахшад».

Абдулаҳад Қаҳҳоров «сиёсатмадори волозавқ»-е буда, ки бо «маданияти маънавӣ»-у «чашмандози вусъатнок»-аш ба шеваи кори раҳбарии садҳо аҳли сиёсат, илму фарҳанг ва адаб таъсири хосе гузоштааст...

Ҳамзамон Қаҳҳоров дар байни раҳбарон фарди соҳибқаламе буда ва китобҳои ҷолибе бо сабку савияи хосе навишта, ки «Ёрии бародарона ва ҳамкории судбахш» (Москва, 1959), «Кумаки Иттифоқи Советӣ ба мамлакатҳои Шарқ» (1960), «Африка озоду шукуфон гардид» (1962), «Дар партави озодӣ» (Душанбе, 1966), «Роҳҳо ва мулоқотҳо» (1967), «Дилҳои пурошӯб» (1974) аз ин ҷумлаанд.

Равшан аст, ки ин арбоби камназири давлат ва сиёсатмадори бузурги тоҷик «тамоми умр ба адабиёти гузашта ва муосир сарукор дошт»-а, «қадри шеъру шоириро медонист»-а, «ба суханони асил ва воломақом шефтаву шайдо буд»-а, табъи баланди шоирӣ дошта ва бо тахаллуси Туробӣ шеър низ мегуфта. Хонандаи гиромӣ агар хоҳаду майл пайдо намояд, дар бораи Туробӣ - Қаҳҳоров «Варақе аз баҳори умр» ном портрети хонданиву пурбори профессори шодравон, адабиётшиноси покизакор Шарифҷон Ҳусейнзодаро дар маҷмуаи «Ангезаи меҳр» (Душанбе, 1989) варақ гардонад, ростӣ аз хондани он бисёр ангезаи нотакрор хоҳад бардошт. Ин чеҳраи мунир дар ин асар хеле ҷолиб ва боҳарорат офарида шудааст.

Афзун бар ин, Қаҳҳорови номӣ фарзандони шуҳратёре ба воя расонида, ки Мамлакат (депутат), Назираву Наима (олими адабиётшинос), Абдурашид (муаллим), Абдураҳим (генерал) ном доранд. Шубҳа нест, ки меҳри нотакрори суханварӣ ва тоҷикияту тоҷикипарвариро дар дилу дидаи фарзандон падари бузургвор бо сириште нотакрори суханоин ҷой карда будааст. Аз шодравон Абдулаҳад Қаҳҳоров «Ёддоштҳо»-е мерос мондааст, ки ба нашр нарасида.

Ҳамзамон навозандаи моҳири рубоб ҳам будааст.

Ёдаш ба хайр!

Субҳони АЪЗАМЗОД

ЗИНДА БОШ, ЭЙ ВАТАН!

Муаллифи оҳанги Суруди миллии Тоҷикистон 110-сола шуд



14-УМИ АПРЕЛ МУАЛЛИФИ ОҲАНГИ СУРУДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН СУЛАЙМОН ЮДАКОВ 110-СОЛА ШУД. НОМБУРДА СОЛИ 1946 ДАР ҲАМКОРӢ БО УСТОД ЛОҲУТӢ СУРУДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОНРО ЭҶОД КАРД, КИ БАЪДАН СОЛИ 1992 БА ҲАМИН ОҲАНГ УСТОД ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ МАТНИ НАВ БО МАЗМУНИ ТОЗА НАВИШТААСТ, КИ ИМРӮЗ САДОИ МУТАНТАНИ КИШВАРИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ МОРО ИФОДАГАР ШУДААСТ.

Сулаймон Юдаков 14-уми апрели соли 1916 дар Кӯқанд, дар оилаи яҳудиёни бухороӣ ба дунё омадааст.

Хеле барвақт бе падар монда, аз 12-солагӣ дар ятимхона тарбия ёфт. Дар ин ҷо аввалин дарсҳои мунтазами мусиқии ӯ шуруъ шуданд: таълими нотаҳои мусиқӣ, навохтани балалайка, мандолин, гитор, асбоби нафасӣ. Ба гуфтаи худи Юдаков, ин дарсҳо дар васеъ намудани ҷаҳонбинии мусиқавии ӯ ва тарбияи шунавоии мутаносиби ӯ нақши калон бозиданд.

Истеъдоди мусиқии писарбача аз мадди назари устодонаш дур намонд. Соли 1932 Юдаков барои таълими касбии минбаъдаи мусиқӣ ба Москва роҳхат гирифт. Ӯ ба факултаи коргарии мусиқии Консерваторияи давлатии Москва дохил шуда, дар он ҷо навохтани найро меомӯзад. Аввалин таҷрибаҳои эҷоди мусиқӣ диққати ҳамсинфон ва муаллимонро ба худ ҷалб намуда буданд.

Солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, аз соли 1943 то соли 1946 Сулаймон Юдаков дар Тоҷикистон кору зиндагӣ мекард, роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон буд. Дар тӯли ин солҳо ба ғайр аз кор бо одамон, инчунин фаъолияти пурмаҳсули эҷодӣ низ дошт.

Суруди миллӣ яке аз муқаддасоти давлатии мост. Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ зарурати эҷоди рамзҳои нави давлатдорӣ ба миён омад. Барои муаллифон озмун эълон гардид. Нахуст соли 1992 Парчами давлатӣ ва соли 1993 Нишони давлатӣ қабул карда шуданд. Танҳо 7-уми сентябри соли 1994, пас аз се соли ба даст овардани Истиқлоли давлатии Тоҷикистон Суруди миллӣ тасдиқ шуд. Муаллифи каломи Суруди миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Гулназар Келдӣ замони дар ҳаёт буданаш дар мусоҳибае гуфта буд: «Озмуни пӯшида эълон шуда буд ва касе намедонист, ки кӣ ва чиро пешниҳод кардааст. Дар тӯли ин солҳо олимон, шоирон, оҳангсозон барои эҷоди гимн кор мекарданд, аммо то ҳол намунаи мувофиқи мусиқӣ ва калима вуҷуд надошт. Намунаи аз ҳама мувофиқ интихоб шуд - мусиқии Суруди давлатии ҶШС Тоҷикистон бар оҳанги Сулаймон Юдаков гузошта ва ба он матн навишта шавад. Бояд зикр намоям, ки баъди оҳанги Суруди ИҶШС оҳанги Суруди ҶШС Тоҷикистон аз ҷиҳати шуҳрат ва зебоӣ дар ҷои дуюм қарор дошт ва ин ба ҳама маълум буд. Танҳо он замоне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лифофаро кушоданд, маълум шуд, ки ман баҳои баландтаринро гирифтаам ва матни ман беҳтарин будааст».

Имсол ба мавлуди Сулаймон Юдаков 110 сол пур мешавад. “Зинда бош, эй Ватан, Тоҷикистони озоди ман” вирди забони хурду калон аст, хусусан оҳанги қудратангез ва ифтихорбахши ин оҳанг дар дили мардуми Тоҷикистони озод маъво гирифтааст.

Д. ҚОДИРПУР

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта каме пуртаниш оғоз мешавад, аммо то миёнаи ҳафта ҳолат ором гардида, барои амалҳои ҷиддӣ шароит муҳайё мегардад. Шумо мехоҳед пешсаф бошед, вале баъзан бояд сабр кунед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта эҳсосотатон шиддат мегирад, вале тадриҷан ором мешавад. Дар рӯзҳои истироҳат имкони оштӣ кардан бо шиноси дерина пайдо мешавад. Дар ҷодаи муҳаббат эҳсососи сахт метавонад шуморо ба қарорҳои шитобкорона барад.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафта бо интихоби душвор оғоз мешавад. Кумак аз шахси ғайричашмдошт рӯҳбаланд мекунад. То охири ҳафта хастагӣ эҳсос мешавад ва ба истироҳат ниёз пайдо мекунед. Дар ҷодаи муҳаббат кӯшиши писанд омадан ба ҳама метавонад натиҷаи баръакс диҳад.



Савр
21.04 - 21.05

То охири ҳафта тағйироте рух медиҳад, ки аввал нороҳат менамояд, вале баъд манфиаташ маълум мегардад. Дар ҷодаи муҳаббат аз рашки бехуда худдорӣ намоед, зеро он метавонад муносибатро вайрон кунад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Миёнаи ҳафта хоҳиши тағйири муҳит ва сафар кардан зиёд мешавад. Мушкили хурди оилавӣ метавонад ҳарҷоти ногаҳонӣ ба бор орад. То якшанбе дарк мекунед, ки хушбахтӣ наздик буд. Дар ҷодаи муҳаббат сухани рост метавонад дили шарикро ранҷонад.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта пурэҳсос ва каме душвор мегузарад. Хотираҳои гузашта метавонанд шуморо ба фикр баранд, вале бо сабр онҳоро паси сар мекунед. Охири ҳафта корҳои оилавӣ ҳисси оромӣ мебахшанд. Барои нафарони танҳо шиносоии одӣ, вале самимӣ пеш меояд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта каме дилгиркунанда менамояд, зеро шумо навоварӣ мехоҳед, вале бо корҳои якранг рӯ ба рӯ мешавед. Миёнаи ҳафта интихоби муҳим пеш меояд. Рӯзҳои истироҳат барои танҳо будан ва ҷамъбасти фикрҳо муфид аст.



Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта хеле ҳассос мегардед, ҳатто рӯйдодҳои хурд ба шумо таъсири зиёд мерасонанд. Хабари ғайричашмдошт метавонад назари шуморо дигар кунад. Ба танҳоӣ ва эҷод машғул шудан мехоҳед. Дар ҷодаи муҳаббат аз ҳад зиёд фидокорӣ накунед.



Далв
21.01 - 19.02

Хоҳиши дар маркази диққат будан метавонад шуморо ба ҳолати ногувор оварад. Хабари нав назари шуморо нисбат ба нафаре тағйир медиҳад. Дар ҷодаи муҳаббат рафтори шумо метавонад нофаҳмиҳо эҷод кунад.




Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта барои шумо вохӯрии ғайричашмдошт бо шахсе аз гузашта имкон дорад. Қарорҳои ғайриодии шумо аввал ҳайрат, сипас эҳтироми атрофиёнро ба вуҷуд меоранд. То охири ҳафта эҳсос мекунед, ки ба истироҳати комил ниёз доред.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта нақшаҳо каме вайрон мешаванд ва шумо маҷбур мешавед зуд мутобиқ шавед. Суҳбати нохуш бо наздикон бе мушкил ҳал мегардад. Охири ҳафта эҳтимол кори муҳимеро фаромӯш кунед. Дар ҷодаи муҳаббат аз танқидҳои зиёд худдорӣ намоед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта каме вазнин аст, аммо баъд аз эътирофи хатоӣ сабукӣ эҳсос мекунед. Пешниҳоди ҷолиб меояд, вале шартҳояш чандон хуб нестанд. Охири ҳафта бояд байни кор ва оила интихоб намоед.

МАВЛУДНОМА

23 АПРЕЛ

Маҳмадалӣ Аюбов (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Фазоил Атоуллохонов (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Маҳмудҷон Боқиев (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Евгения Аргуновская (1926), 100-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

24 АПРЕЛ

Ортиқ Бобоев (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Николай Лолаев (1916-1976), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Борис Розанов (1906-1978), 120-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

25 АПРЕЛ

Сайёфи Мизроб (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Абдусаттор Раҷабов (1951), 75-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

Самад Юнусов (1936-2012), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

26 АПРЕЛ

Пӯлод Абдуллоев (1906-1983), 120-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Валентин Федоров (1926-1997), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

27 АПРЕЛ

Санавбар Раҳимзода (1956), 70-солагии зодрӯзи наттоқи ТВ.

Нина Свешникова (1931), 95-солагии зодрӯзи сароянди опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Анна Скабелина (1921-1989), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

28 АПРЕЛ

Акрам Раҳматов (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Раиса Чернер (1936), 90-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

Фирӯза Муродова (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

29 АПРЕЛ

Василий Алтшулер (1901-1983), 125-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Шариф Назаров (1966), 60-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

bakertilly
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734025, кӯч. Бохтар 37/1, офис 501
T: + 992 (44) 600 46 55, contact@bakertilly.tj, www.bakertilly-ca.com

ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳомон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки «Арванд»:

Хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки «Арванд»-ро (дар оянда «Бонк») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2025, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2025 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда анҷом ёфтааст, мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

Асос барои Хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Бонк мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

Маълумоти дигар

Ҳисоботи молиявии Бонк барои соле, ки 31 декабри соли 2024 ба анҷом расидааст, аз ҷониби аудитори дигар санҷида шуда, ӯ хулосаи бетағйир пешниҳод намудааст. Мо нисбат ба ҳисоботи молиявии Бонк барои соле, ки 31 декабри соли 2024 ба анҷом расидааст, аудит, баррасии таҳлилӣ ё дигар расмиёти марбутро анҷом нададаем ва мутаносибан, нисбат ба ҳисоботи молиявӣ барои соли анҷомёфтаи 31 декабри соли 2024 дар маҷмӯъ ягон хулоса ё шакли дигари боварӣ изҳор намекунем.

Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Бонкҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истиснои мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Бонк, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

